# СТАНДАРТИ

## фанни «Табиатшиносӣ» (Олам̣и атрофи мо) барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ

Душанбе — 2023

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 31 майи соли 2023 таҳти №8/24 тасдиқ шудааст.**

Мураттиб:

*Қодиров Набӣ Муродалиевич*

# Мундариҷа

Сарсухан ........ 2
Ихтисораҳо ........ 4
I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ
Шарҳи мафҳумҳои асосии стандарт ........ 5
Санадҳои меъёрию ҳуқуқии фанни таълимӣ ........ 9
Соҳаи татбиқи стандарти фаннӣ ........ 10
Тавсифи умумии фан ........ 13
Мавқеи фан дар сохтори нақшаи таълим ........ 13
Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фан ........ 14
Принсипҳои асосии стандарти фанн ........ 15
Робитаи байнифаннӣ ........ 16
Муносибати тафриқавӣ ба таълим ........ 17
Талабот ба ҳаҷм, сифат ва мавзуи маводди таълим ........ 18
II. САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ
2.1. Салоҳиятҳои фаннӣ ........ 19
2.2. Салоҳиятҳои умумитаълимӣ ........ 34
2.2. Ҷадвали салоҳиятҳои умумитаълимии фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ........ 35
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ........ 39
III. АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА, МАҲОРАТ (САЛОҲИЯТ)-ҲО АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ
3.1. Тартиби баҳодиҳӣ, навъҳо ва аттестатсияи хонандагон аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфҳои ибтидоӣ ........ 43
3.2. Арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ........ 44
3.3. Меъёри баҳо ба дониш ва маҳорати хонандагон аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ........ 46
IV. АДАБИЁТ ........ 48

# Сарсухан

Аз қабули стандарти охирини фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфҳои ибтидоӣ 5 сол сипарӣ мешавад. Стандартҳои ҷории фанҳои синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла, фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) замоне таҳия шуда буданд, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим қадамҳои аввалин гузошта мешуданд. Дар ҳақиқат, стандартҳои ҷорӣ аз нуқтаи назари ба эътибор гирифтани навгониҳо дар соҳаи маориф дар арсаи байналмилалӣ, гузариш аз таҳсилоти омӯзгормеҳвар ба хонандамеҳвар, ташкили ҷараёни таълим дар асоси салоҳиятҳо ва арзёбии натиҷаҳои таълим қадами ҷиддие ба пеш буд.

Дар ин давра роҷеъ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии гузариш ба муносибати босалоҳият аз ҷониби мутахассисони дохилӣ ва кормандони лоиҳаҳои гуногуни шарикони рушд таҳқиқоти судманд сурат гирфта, китобу мақолоти зиёде ба табъ расид.

Қобили зикр аст, ки ҷорӣ гардидани муносибати босалоҳият ба таълим бори аввал дар кишвар сурат гирифт, бинобар ин дар баробари дастгирӣ ва ҳамовозии умумӣ аз ҷониби омӯзгорон, баҳсу мунозираҳои зиёдеро дар байни мутахассисон, мақомоти гуногуни идораи соҳаи маориф, омӯзгорон ва ҳатто падару модарон ба миён гузошт. Бо вуҷуди он ки дар асоси стандартҳои нави таълим барномаҳои таълими фанҳо мураттаб гардида, давра ба давра китобҳои дарсӣ низ такмил ёфтанд, пас аз гузашти чанд соли истифода аз онҳо садоҳое оид ба ҷиҳатҳои заиф дар фаъолияти омӯзгорӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳияи барномаҳои нави таълим, китобҳои дарсиву роҳнамоҳои омӯзгор баланд гардиданд.

Ҳамзамон бо ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2020 бо Қарори худ таҳти рақами 526 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМРМ-2030)-ро тасдиқ намуд, ки он самтҳои асосии рушди соҳаи маорифи кишварро дар даҳсолаи наздик муайян намудааст. Дар СМРМ-2030, аз ҷумла, қайд шудааст: «Дар барномаҳои таълими такмилёфта, ки бояд салоҳиятҳои калидӣ ва дониши умумии кӯдакони синни мактабиро инъикос намоянд, камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд».

Дар доираи татбиқи СМРМ-2030 вобаста ба ҳадафҳои асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар раванди сиёсати байналмилалӣ идомаи ислоҳоти соҳаи маориф дар назар дошта шудааст, ки бознигарии мазмуни таҳсилот, стандартҳои давлатии зинаҳои гуногуни таҳсилот ва барномаҳои таълим ва дар заминаи онҳо таҳияи китобҳои дарсии насли нав ҷузъи таркибии он аст. Стандарту барномаҳои таълим бояд тавре таҳия гарданд, ки барои таълифи китобҳои дарсии орӣ аз хусусиятҳои динию хурофотӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир мусоидат намоянд ва бо такя ба арзишҳои дунявӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва эҳтироми манфиатҳои миллӣ таълиф шаванд.

Ҳамаи ин зарурати таҷдиди назарро ба стандарту барномаҳои таълими зинаи ибтидоии таҳсилот асоснок намудааст. Зарурати таҳияи стандарти нави фаннӣ ва муҳтавои таълимро метавон танҳо дар заминаи шаклгирии омӯзишу парвариши умумӣ,

дар мутобиқат бо ҳадафҳои пешбинишуда аз мавқеи талаботи таҳсилоти замонавӣ баррасӣ кард.

Ҳангоми таҳияи стандарти фаннӣ мавридҳои зерин ба эътибор гирифта шудаанд:

1. Қабл аз ҳама, ҳадафи асосии таҳсилот — тарбияи инсони озод ва дорои салоҳиятҳои зарурӣ ҳангоми иҷрои фаъолоятҳои иҷтимоӣ бояд дар мадди назар бошад. Дар стандарт ба вазифаҳои тарбиявии таҳсилот — ташаккули шахсият дар рӯҳияи ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолону устодон, ҳифзи табиат, тарзи ҳаёти солим, муносибати эҳтиёткорона ба ашёи мактабӣ ва хониш ва ғайра таваҷҷуҳи хос дода мешавад.

2. Мазмуни таҳсилот бояд ҳамчун таҷрибаи педагогии озмудашуда, ҳамчун фарҳанги башарӣ бо сохтори пурраи худ муаррифӣ шавад. Мазмуни таҳсилот дар баробари донишҳо ва таҷрибаҳои пешқадами амалӣ намудани воситаҳои фаъолият ҳамчунин таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибатҳои ботинии арҷгузориро ба арзишҳои миллӣ низ дар бар гирад.

3. Мақом ва вазифаи фанни таълимӣ бояд бо назардошти ҳадафҳои таҳсилот бо ширкату ҳамкории фаъолонаи ҷомеа, падару модарон, мактаб, омӯзгор ва хонанда муайян карда шавад.

4. Дар стандарти фаннӣ мазмуни таҳсилот пас аз дастуру пешниҳодоти мукаммали назарӣ бояд зина ба зина ба тариқи зайл пешниҳод шавад:

- пешниҳоди маълумоти назариявӣ доир ба аҳаммияти стандарт;
- ба таври мушаххас нишон додани он ки чиро омухтан зарур аст;
- такмили тадриҷии муҳтавои омузиш дар зинаҳои баъдӣ;
- ҳамчун воқеият баррасӣ шудани фаъолияти омӯзгор ва шогирд дар мутобиқат бо мавзӯи асосии мазмуни таҳсилот;
- арзёбии мазмуни таҳсилот ҳамчун натиҷаи таълим ва фаъолияти хонанда.

5. Стандарти фаннӣ хусусиятҳои инфиродии хонандагонро бояд ба эътибор гирад. Набояд фаромӯш кард, ки барои фаро гирифтани сарчашмаҳои иттилоот на танҳо далелҳои илмӣ, балки вижагиҳо ва талаботи воқеии шогирдон низ хеле муҳим ба шумор мераванд.

6.Стандарти фаннӣ бояд ҳамчун ҷузъи асосии ташаккули мазмуни пешбинишудаи таҳсилот бошад ва арзёбии сифати таҳсилотро бо дарназардошти донишу малакаҳои ниҳоии хонандагон ба назар гирад.

Яке аз хусусиятҳои стандарти нави фанни Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо) барои синфҳои 1–4 он аст, ки дар заминаи он барномаи нави таълими фан таҳия гардида, қабл аз истифодаи ҳамагонӣ аз озмоиш гузашта, вобаста ба тавсияву пешниҳодҳои мутахассисон ва омӯзгорон таҳриру такмил ёфтааст.

# ИХТИСОРАҲО

| | | |
|---|---|---|
| **СМРМ-2030** | — | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 |
| **ВМИ ҶТ** | — | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **АНМИ ПҶТ** | — | Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **АТТ** | — | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| **ПРМ** | — | Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ |
| **МҶТМ** | — | Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ДҶТИБКСМ** | — | Донишкадаи ҷумҳурявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## ШАРҲИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТ

**Мафҳумҳои умумӣ:**

**Арзёбӣ** — ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

***Арзёбии ташхисӣ*** — муайянкунии сатҳи ибтидоии ташаккули донишҳо, малакаву маҳорат, қобилиятҳо ва салоҳиятҳои хонанда.

***Арзёбии рушди салоҳиятҳо*** — арзёбии дастовардҳои хонандагон дар ҷараёни таълим. Чунин тарзи арзёбӣ бо баҳогузории маъмулӣ дар ҷараёни дарс ва ташкилу гузаронидани тестҳои мавзӯӣ сурат мегирад. Он рушди муназзами салоҳиятҳои хонанда, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи фаъолияти ӯро дар ҷараёни таълим муайян мекунад.

***Арзёбии ҷамъбастӣ*** — барои муайян намудани сатҳи ташаккули дониш, маҳорату малака ва салоҳиятнокӣ ҳангоми ба анҷом расонидани давраи муайяни таҳсил (чоряк, нимсола, солона) гузаронида мешавад. Он аз рӯйи натиҷаҳои корҳои санҷишии тестӣ, корҳои саҷишии хаттӣ, иншо, нақл, лоиҳа, гузоришҳо ва ғайра анҷом дода мешавад. Баҳои ҷамъбастии он асосӣ дониста мешавад.

**Баҳодиҳӣ** — ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Барномаи таълим** — санади таълимие, ки мазмун, талабот ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон, ҳаҷм, инчунин тартиби омӯхтан ва таълими ин ё он фаслу ҷузъҳои онро муайян мекунад.

**Воситаҳои таълим** — объектҳо ва равандҳое, ки ҳамчун манбаи иттилооти таълимӣ ва воситаи азхудкунии мазмуни маводи таълим барои рушд ва тарбияи хонанда хидмат мекунад (китоби дарсӣ, луғатҳо, нақшаҳо, мусаввараҳо, ашёи табиӣ ва маводи дигаре, ки манбаи дониш ҳисоб меёбанд).

**Дастовардҳои таълимии хонандагон** — натиҷаи ниҳоие, ки хонанда дар раванди таҳсил ба даст меорад.

**Дарси озод (кушод)** — дарсе, ки бо мақсади омӯзиш, таблиғи таҷрибаи пешқадам, татбиқи навгониҳо, навҷӯйиҳо аз ҷониби омӯзгорони ботаҷриба, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва дигар мутахассисони соҳа ба роҳ монда мешавад.

**Дидактика** — соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Завқ** — муносибати хонанда ба ҳодиса ва воқеаҳои зиндагӣ, ба омӯхтани илму дониш ва ғайра.

**Зеҳн** — омили асосии фаъолона воридшавии инсон ба зиндагии иҷтимоӣ, мавқеъ пайдо кардани ӯ ҳамчун мутахассис ва ширкаткунандаи ҷараёни фаъолият ва иртибот.

**Иттиҳодияи методӣ** — яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** — машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон, ки берун аз дарс таҳия мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Мақсади таълим** — банақшагирии пешакии ба даст овардани натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ, натиҷаҳои интизорӣ.

**Малака** — қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** — фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро диниста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** — фаъолияти пайдарпай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** — усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда.

**Меъёр** — андоза ва нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Мониторинг** — низом ва тартиби ҷамъоварӣ, коркард, нигаҳдориву интишори иттилоот оид ба низоми таълиму тарбия ё унсурҳои алоҳидаи он, ки имкон медиҳад вазъи объект дар ҳама гуна ҳолат арзёбӣ ва дурнамои он муайян карда шавад.

**Нақшаи таълим** — ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими хонандамеҳвар** — низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) ба омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳандаҳо** — маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Принсип** — қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** — ҷараёни мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Роҳнамои омӯзгор** — дастури методӣ барои омӯзгор, ки тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти такмили маҳорати омӯзгории шахсӣ ва ташаккули салоҳиятмандии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод:** 1) давраи ибтидоии омӯзиши овозу ҳарфҳо (Алифбо); 2) маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводи чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** — яке аз нишонаҳои ақлии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки маҳорати хондан, навиштан ва баён кардани мазмуни ягон матни одиро дорад, саводнок аст.

**Салоҳият** — маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд. Қобилияти истифодаи донишу малака ва маҳоратҳои азхудшуда дар амал, дар ҳалли мушкилот ва қабули қарор.

**Салоҳиятмандӣ (босалоҳиятӣ)** — қобилияти инсон барои мустақилона истифода кардани унсурҳои гуногуни дониш, малакаву маҳорат ва шаклҳои фаъолият дар ҳолатҳои муайян (таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ).

**Стандарти фаннӣ** — санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур муайян гардидааст.

**Стратегия** — роҳу усулҳои ноил гардидан ба мақсад.

**Тавсияҳои методӣ** — маҷмӯи пешниҳодҳо ва нишондодҳое, ки барои ҳаллу фасли мушкилот бештар мувофиқанд.

**Такмили ихтисос** — низоми омодасозӣ ва бозомӯзии омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Таҳлил** — яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводи омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

**Мафҳумҳои фаннӣ:**

**Ашё** — чизҳо, чизу чора.

**Ашёи табиӣ** — ин ашё дар ҷараёни эволютсия (таҳаввул)-и Замин пайдо шуда, то замони ҳозира тағйир ёфта омадаанд.

**Ашёи сунъӣ** — ҳамаи он чизе, ки бо ёрии ақлу дастони инсон сохта шудааст.

**Бехатарии ҳаёт** — андешидани чораҳои пешгирикунанда оид ба хатарҳое, ки дар табиат ва ҷамъият ба ҳаёти инсон таҳдид мекунанд.

**Беҳдошти саломатӣ** — амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳо оид ба мустаҳкам кардани саломатӣ ва тарки одатҳои бад дар инсон.

**Глобус** — шакли аслии хурдкардашудаи кураи Замин.

**Занҷири ғизо** — дар табиат силсилае вуҷуд дорад, ки аз рӯи он мавҷудоти зинда якдигарро ҳамчун ғизо истифода мебаранд.

**Ивазшавии шабу рӯз** — ҳодисае, ки ҳангоми дар атрофи меҳвари худ давр задани Замин ба амал меояд.

**Ивазшавии фаслҳои сол** — ҳодисае, ки ҳангоми дар атрофи Офтоб давр задани Замин ба амал меояд.

**Иқтисодиёт** — хоҷагии ҳар як давлатро иқтисодиёти он ташкил медиҳад. Унсурҳои таркибии иқтисодиёт аз саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сохтмон, савдо, илму маориф, тандурустӣ (тиб), туризм (сайёҳӣ), варзиш, пул, буҷа ва бозори савдо иборат аст.

**Замин** — яке аз сайёраҳои Системаи офтобӣ.

**Китоби Сурх** — китоб оид ба наботот ва ҳайвоноти камшуда, азбайнрафтаистода ва нестшуда.

**Қитъа** — ҳудуди калони хушкиест, ки дар атрофи он баҳру уқёнусҳо ҷойгиранд.

**Қутбнамо** — асбобе, ки бо ёрии он дар ҳама гуна шароит самтҳои уфуқро дуруст муайян кардан мумкин аст.

**Мамнӯъгоҳ** — мавзеи муайяне мебошад, ки тамоми унсурҳои табиати он ҳифз карда мешавад.

**Модда** — он чизе, ки ҷисмҳо аз онҳо сохта шудаанд. Дар табиат моддаҳо бисёранд ва онҳоро дар ҳолати сахт, моеъ ва газмонанд дучор омадан мумкин аст.

**Моҳ** — радиф (ҳамсафар)-и табиии Замин.

**Моҳгард** — дастгоҳ (техника)-и махсусест, ки одамон ба мақсади омӯхтани сатҳи Моҳ сохтаанд.

**Молекула** — зарраҳои хурди ба чашм ноаён, ки моддаҳо аз онҳо сохта шудаанд.

**Нақша** — тасвири воқеии ашё ё маҳалест, ки гӯё мо онро аз боло мебинем.

**Олам** — ҷаҳон, дунё, ҳастӣ. Ба олам тамоми фазои кайҳон ва ҳама чизе, ки онро пур кардааст (ҷирмҳои осмонӣ, газ, чанг ва ғайра), дохил мешаванд.

**Олами атроф** — ҳамаи он чизе, ки моро иҳота кардааст. Олами атрофи мо асосан аз ду гурӯҳи унсурҳо иборатанд: унсурҳои табиӣ ва унсурҳои иҷтимоӣ.

**Офтоб** — яке аз ситораҳои осмон.

**Офати табиӣ** — ҳодисаҳои табиие, ки ба инсон, хоҷагии халқ ва дигар мавҷудоти зинда зарар мерасонанд, офати табиӣ номида мешаванд.

**Сайёраҳо** — ҷирмҳои осмонӣ, ки дар атрофи Офтоб давр зада, аз он нур ва гармӣ мегиранд.

**Самтҳои уфуқ** — тарафҳои уфуқ. Уфуқ, асосан, чор самт ё тараф дорад: Шимол, Ҷануб, Шарқ, Ғарб.

**Сарватҳои табиӣ** — унсурҳои табиие мебошанд, ки онҳоро одамон ҳамчун манбаи ашёи хом истифода мебаранд.

**Ситораҳо** — кураҳои тафсони газие, ки дар фазои беканор паҳн шудаанд.

**Табиат** — тамоми мавҷудоти зинда ва ғайризиндаи олам.

**Тағйирёбии иқлим** — дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории инсон гарм шудани иқлими сайёраи Замин.

**Уфуқ** — тамоми маҳаллеро, ки дар атрофи худ мебинем, уфуқ меноманд.

**Харита** — тасвири хурдкардашудаи маҳал (масоҳат)-ҳои хеле калон мебошад.

**Ҳодисаи табиӣ** — ҳамаи тағйиротеро, ки дар табиат ба амал меояд, ҳодисаи табиӣ меноманд.

**Ҷисм** — ҳама чизи дар табиат мавҷудбуда ҷисм номида мешаванд. Ҷисмҳоро аз рӯи якчанд хусусият ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Масалан, ҷисмҳои табиӣ ва сунъӣ, осмонӣ ва заминӣ, ғайризинда ва зинда.

**Ҷирми осмонӣ** — ҳамаи ҷисмҳое, ки дар осмон ҷойгиранд (ситораҳо, сайёраҳо, Замин, Офтоб, Моҳ, Зузанаб, Нуҷайма ва ғайра) ҷирм номида мешаванд.

**Экология** — илмест, ки алоқамандии байни организмҳои зиндаро бо муҳити атроф меомӯзад.

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ФАННИ ТАЪЛИМӢ

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009), ки бо қарори Коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Асоси методологии тартиб додани Стандартро маълумотҳои илмии методологияи таълими табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ва муқаррароти пешбари муносибати босалоҳият ба таълим ташкил додааст.

Стандарти мазкур бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии зерин, ки самт ва стратегияи рушди соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, тартиб дода шудааст:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст; 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 дар раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз соли 1993; 17 майи соли 2004 тағйироту иловаҳои нав ворид карда шуданд (тағйироти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014 с., № 1081, 26.07.2014, № 1125, 15.03.2016, № 1293, № 1293) 2016, № 1346, аз 28 августи соли 2017, № 1462, аз 17 майи соли 2018, № 1527, аз 17 декабри соли 2020, № 1738);

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи стандарти умумии давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 апрели соли 2009, № 206;

4. «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 29 сентябри соли 2020, № 526;

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 майи соли 2002, № 200;

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.03.2007 № 171 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 марти соли 1996, № 94;

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи таҳсилоти фарогир барои хонандагони имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2011, № 228;

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» аз 30 июни соли 2012, № 334.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои имлои Табиатшиносӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷик» аз 30 июни соли 2021 №268

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022 № 1920.

# СОҲАИ ТАТБИҚИ СТАНДАРТИ ФАННӢ

Стандарти фанни «Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо)» барои синфҳои 1–4 бо мақсади танзими мазмун, мундариҷа ва ҷараёни таълиму арзёбии фанни мазкур дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1–4) таҳия шудааст.

Он бо мақсад ва мазмуну муҳтавои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар сандаҳои бунёдии соҳаи маориф мувофиқат карда, барои мураттаб намудани барномаҳо ва таълифи китобҳои дарсии минбаъда ба муаллифон заминаву имкониятҳои нави эҷодиро фароҳам меорад.

Стандарти мазкур дар соҳаҳои зерин мавриди истифода қарор мегирад:

**1. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он**

Раёсати таҳсилоти миёнаи умумии ВМИ ҶТ Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- Банақшагирӣ ва мусоидат намудан ба таъмини тадриси фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии типи нав;
- Таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи методии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4.
- Назорати раванди таълим, иҷрои барномаи таълим ва ҷамъбасти фаъолияти хонандагон ҳангоми хатми зинаи ибтидоии таҳсил.

**2. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АНМИ ПҶТ Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- Арзёбии ҷараёни таълими фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Аттестатсияи омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳияи пурсишу санҷишҳои тестӣ бо мақсади арзёбии фаъолияти омӯзгорон ва дастовардҳои хонандагон;
- Назорати ҷараёни татбиқи Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Арзёбии таъмини муассисаҳои таълимӣ бо аёниятҳои таълимӣ.

**3. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф**

АТТ ва ПРМ Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода мебаранд:

- Таҳқиқу таҳлил ва таъмини ҷараёни татбиқи стандартҳо бо заминаи назариявӣ;

- Таҳияи барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳлилу таҳқиқи ҷараёни татбиқи Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Тартиб додани рӯйхати мавзӯъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба методикаи таълими «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китоби дарсӣ ва маводи методии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Ташкил намудани мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳои илмӣ дар мавзӯи татбиқи Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Роҳандозӣ намудани озмойишҳо барои таҳлил ва такмили методикаи таълими фан ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон.

**4. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

МҶТМ Стандарти «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- Таҳияи нақшаи семинар-машваратҳои методии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳияи нақшаи таълим барои синфҳои ибтидоӣ;
- Таъмини ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳияи дастуру маводи методӣ барои омӯзгорони фан ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Расонидани ёрии методии бевосита ба мушовирони шуъбаи маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ;
- Таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китоби дарсӣ, роҳнамои омӯзгор ва маводи методии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**5. Донишкадаи ҷумҳурявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои минтақавии он**

ДҶТИБКСМ ва филиалҳои минтақавии он Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода мекунанд:

- Таҷдиди барномаи таълими курсҳои такмили ихтисос бо мақсади татбиқи самараноки Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Баргузор намудани семинар-машваратҳо дар мавзӯи татбиқи Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Банақшагирӣ ва ба роҳ мондани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос барои омӯзгорони фанни “Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4.

**6. Донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ**

Донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ аз Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 ба мақсадҳои зерин истифода мекунанд:

- Таҷдиди барномаҳо ва методикаи таълими «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Дар сатҳи касбӣ омода намудани омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳқиқу таҳлили заминаҳои назариявӣ ва амалии Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳияи рӯйхати мавзӯъҳои корҳои курсӣ, дипломӣ ва аттестатсияи ҷамъбастии назария, амалия ва талаботи стандарти мазкур барои донишҷӯён;
- Банақшагирӣ ва назорати таҷрибаи касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**7. Раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо**

Раёсат ва шуъбаҳои маориф стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсади зерин истифода бурда метавонанд:

- Ҷамъоварии маълумот оид ба татбиқи стандартҳо;
- Банақшагирӣ ва расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Банақшагирӣ ва баргузор намудани семинар-машваратҳои омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Таҳияи тестҳо барои баргузор намудани арзёбии беруна ва дохилӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи азхудкунии Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар зинаи таҳсилоти миёнаи ибтидоӣ;
- Раҳнамоии методии омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия;
- Аттестатсияи ҷории омӯзгорони фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4.

**8. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсади зерин истифода мебаранд:

- Таҳияи нақшаи тақвимии фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4 дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;
- Таҳияи нақшаҳои яксоатаи дарс;
- Арзёбии ҷорӣ ва ҷамъбастии салоҳиятҳои хонандагон;
- Банақшагирӣ ва баргузор намудани машваратҳои методӣ дар сатҳи муассисаи таълимӣ.

**9. Муаллифони китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълим ва маводи таълимию методӣ**

Муаллифон ва мураттибони китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълим ва маводи таълимию методӣ Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4-ро бо мақсадҳои зерин истифода бурда метавонанд:

- Банақшагирӣ ва таҳияи мазмуну мундариҷаи китоби дарсӣ, барномаи таълим ва маводи таълимию методӣ;
- Таҳияи меъёрҳо барои арзёбии мувофиқати китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимию методӣ ба талаботи Стандарти фанни «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 1–4;
- Ворид намудани тағйироту иловаҳо дар нашрҳои оянда бо назардошти муқаррароти Стандарти фаннӣ.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ФАН

Омӯзиши фанни «Забони тоҷикӣ» тибқи нақшаи таълим дар синфҳои 1–4 сурат мегирад. Омӯзиши ин фан дар синфи якум аз ду давра иборат аст: алифбо ва забони тоҷикӣ. Тақсимоти соатҳо барои ҳар як синф ба тариқи зайл аст:

| Синф | Миқдори соатҳо дар як ҳафта | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|
| 1 | 1 | 35 |
| 2 | 1 | 35 |
| 3 | 1 | 35 |
| 4 | 2 | 70 |

# МАВҚЕИ ФАН ДАР СОХТОРИ НАҚШАИ ТАЪЛИМ

Барои омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Оламии атрофи мо) дар нақшаи таълим дар давоми ҳар соли таҳсил дар синфҳои 1–4 175 соат ҷудо карда мешавад. Фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) яке аз фанҳои калидии низоми таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки дар кӯдакон тасаввуроти пароканда оид ба ашё ва ҳодисаҳои олами атроф вуҷуд дорад, аз рӯзҳои аввали ба мактаб қадам ниҳодан онҳо ба омӯзиши илмии унсурҳои олами атрофи худ шурӯъ мекунанд.

Таълими фанни Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо) дар синфҳои ибтидоӣ ба он мусоидат мекунад, ки хонандагон оид ба хусусиятҳои олами атрофи худ, маҳалли зисти худ, кишвари худ ва минтақаҳои дури ҷаҳон маълумот гирифта, ин маълумотро ҳамчун замина барои ба таври чуқур омӯхтани фанҳои табиӣ дар синфҳои болоӣ истифода мебаранд.

# МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗИШИ ФАН

**Мақсад ва вазифаҳои таълимӣ**

Таълими фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои ибтидоӣ) хусусияти амалӣ дошта, ба омӯхтани муназзами ашёву ҳодисаҳо, малакаҳои дарки онҳо, тасвир ва нишон додани онҳо равона гардидаст.

Дар раванди омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) хонандагон фаъолиятҳои гуногуни таълимиро иҷро мекунанд. Фаъолиятҳои таълимии анҷомёфта барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) мусоидат хоҳанд кард. Дар ҷараёни омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) хонандагон бояд фаъолиятҳои таълимии мазкурро анҷом диҳанд:

- ташаккули фаъолияти омӯзишии хонандагон;
- шинохтани ашё ва ҳодисаҳои олами атроф ва донистани хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо;
- муайян кардани мавқеи объекти омузиш дар силсилаи маводи омухташаванда;
- рушди ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф;
- ташаккули малакаҳои дарки олам ва мавридҳои истифодаи он дар ҳаёти воқеӣ;
- ташаккули аввалин малакаҳои хулосабарорӣ;
- рушди қобилият ва маҳоратҳои инфиродӣ;
- рушди ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш;
- ташаккули захираи луғавӣ, ки барои фаъолиятҳои гуногун дар мавзӯъҳои барномавӣ мусоидат мекунанд;
- инкишофи донишҳое, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон татбиқ мегарданд ва барои омӯзиши фанҳои дигар мусоидат менамоянд.

**Вазифаҳои тарбиявии фан**

Вазифаҳои тарбиявии омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) дар зинаи ибтидоӣ аҳамияти хос дошта, ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, рушди шахсият, фаъолияти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, тафаккури интиқодии хонандагонро равнақ мебахшад, ба ҷараёни иҷтимоишавии кӯдакону наврасон таъсири мусбат расонида, барои фаъолияти мустақилонаву эҷодии онҳо шароит фароҳам меорад. Имкон медиҳад, ки ҳама гуна фаъолиятҳои маърифатии хонандагон: таҳлил кардан, хулоса баровардан ва шарҳ додан самаранок сурат бигирад.

Муҳимтарин вазифаҳои тарбиявии омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) дар синфҳои ибтидоӣ аз инҳо иборат аст:

- ба ҷо овардани эҳтироми шахсиятҳои гуногун (аҳли хонавода, ҳамсинфон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа);

- маҳорати интихоби тарзи ҳаёти солим, дурӣ ҷустан аз одатҳои бад ва омилҳое, ки ба саломатӣ хатар эҷод мекунанд;
- кӯшиши нигоҳ доштани мақом ва эътибори шахсӣ;
- эҳтироми фарҳангу ҷашнҳои миллӣ;
- эҳтироми муқаддасоти Ватан;
- ташаккули эҳсоси худшиносӣ ва ҳувийяти миллӣ;
- тарбияи эҳсоси зебоӣ ва зебоипарастӣ;
- тарбияи фарҳанги тоза нигоҳ доштани муҳити зист ва табиати кишвар;
- арҷгузорӣ ба зебогиҳои табиати кишвар ва тозаву озода нигоҳ доштани он.

Ҳамин тариқ, аввалин хислатҳои шахсияти ояндаи миллат — эҳтироми калон-солон, ватандӯстӣ, муносибати эҳтиёткорона ба табиат, тарзи ҳаёти солим, тараннуми сулҳу оромӣ дар кишвар ва ғайра маҳз дар ҷараёни таълими «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) ташаккул меёбанд.

## ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАНН

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятмандии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки принсипҳои асосии стандарти фаннӣ ба эътибор гирифта шаванд:

- таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла. таҳсилоти ибтидоӣ;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии хонанда ва инкишофи истеъдоди ӯ;
– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
– таваҷҷуҳ ба қобилияти фардии хонанда, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷисмонию равонии ӯ.

## РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ алоқамандии ҳамаҷонибаи он ба фанҳои дигари таълимӣ аст.

Робитаҳои фанни табиатшиносиро бо фанҳои дигаре, ки дар синфҳои ибтидоӣ омӯзонда мешаванд ба таври зайл муайян кардан мумкин аст:

**1. Бо фанни Забони тоҷикӣ.** Фанни забони тоҷикӣ дар асоси матнҳое омӯзонида мешавад, ки ба тасвири табиат ва ҳодисаҳои он, Ватан ва манзараҳои он, олами набототу ҳайвонот, дарки муҳити атроф бахшида шудаанд. Ин мавзӯъҳо дар фанни табиатшиносӣ низ мавқеи хос доранд. Ҳамоҳангсозии барномаҳои таълим ва тартиби мавзӯъҳои омӯзишӣ дар ин ду фан ба тақвияти дониши хонандагон, пурраву комил намудани омӯзиши як мавзӯъ ба воситаи таълими фанни дигар ва татбиқи донишҳо дар таҷрибаи амалӣ мусоидат мекунад.

**2. Бо фанни Математика.** Хеле муҳим аст, ки дар матнҳои китоби дарсии «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) рақаму ададҳо (солҳо, ченакҳои вақт, вазн, дарозӣ, фоиз ва ғайра) ҳамон тавре ифода ёбанд, ки қобили дарки хонандагон дар заминаи донишҳои математикии онҳо бошад. Ҳамчун робитаи мутақобила навиштани рақаму ададҳоро бо ҳарфҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ дар зинаи ибтидоии таҳсил ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Истифодаи амалҳои математикӣ дар бозиҳои гуногуни дидактикии табиатшиносӣ низ аз намунаи робитаҳои байнифаннӣ маҳсуб мешавад. Умуман, математика ва табиатшиносӣ аз нуқтаи назари бо рамзҳо ифода кардани фикр хеле наздиканд. Ин наздикии онҳо дар таълифи китобҳои дарсӣ ва ҷараёни таълим бояд ба назар гирифта шавад.

**3. Бо омӯзиши забонҳои дигар (русӣ ва хориҷӣ).** Робитаи байнифаннии табиатшиносӣ бо забонҳои дигари омӯзишӣ (масалан, русӣ ва англисӣ) ба монанди забони тоҷикӣ буда, ба алоқамандиҳои географии мамлакатҳо ва минтақаҳо бештар диққат дода мешавад.

**4. Бо фанни Санъати тасвирӣ ва меҳнат.** Ҳама чизе, ки хонандагон дар раванди дарсҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат месозанд, тасвир мекунанд ва эҷод мекунанд, асосан унсурҳо (ашё ва ҳодисаҳо)-и олами атрофи онҳо мебошад. Маҳоратҳое, ки дар ҷараёни таълими фанни санъати тасвирӣ ва меҳнат ба даст меоянд, танҳо бо сохтану эҷод кардан маҳдуд нагашта, тавсифи чизи тасвиршуда ва ё сохташуда, амали анҷомёфта ва алоқаманд кардани он бо дигар унсурҳои олами атроф муҳимтарин ҷанбаҳои робитаи ин ду фан ба шумор меравад.

**5. Бо фанни Суруд ва мусиқӣ.** Ҳам дар таълими фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) ва ҳам дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ тақвияти хотири хонанда нақши

муҳим мебозад. Хониши бурробуи шеър бо риояи оҳангу мавзунии мисраъҳо ва азёд кардани порчаҳои шеърӣ оид ба унсурҳои олами атроф аз муҳимтарин қобилияту истеъдодҳои хонандагон мебошад, ки барои такмили маҳоратҳои овозхонӣ, мусиқашиносӣ ва навозандагии хонандагон мусоидат мекунад.

**6. Бо фанни Тарбияи ҷисмонӣ.** Тарғиби тарзи ҳаёти солим, ки аз муҳимтарин мавзӯъҳои таълимии фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) аст, дар ҷараёни дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ амалан намоиш дода мешаванд. Аз донишҳои фанни табиатшиносӣ оид ба сохти узвҳои бадани одам истифода бурда, қойидаҳои дурусти иҷрои машқҳои ҷисмонӣ ва беҳдошти организми инсонро риоя мекунанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо), ҳамчун фанни муҳим бо ҳамаи фанҳои дигари таълимӣ дар зинаи ибтидоии таҳсилот робитаи қавӣ дорад ва ин робита бояд дар таҳияи стандартҳои таълимии ҳар як фан ва таҳияи китобҳои дарсӣ ба назар гирифта шавад.

## МУНОСИБАТИ ТАФРИҚАВӢ БА ТАЪЛИМ

Дар низоми маорифи муосир татбиқи муносибати босалоҳият ва таҳсилоти фарогир нақши муҳим мебозад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди таълим таъмини баробарҳуқуқии духтарону писарон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият аст. Баробарии гендерӣ якчанд масъаларо дар бар мегирад. Аз ҷумла, дастрасии пурраи кӯдакони синнусоли хурди мактабӣ ба таҳсил, ки ҷанбаи ҳуқуқӣ дорад, аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» кафолат дода шудааст. Дар баробари ин баъзе масъалаҳои дигари таъмини баробари гендерӣ бевосита ба муқаррароти стандарту барномаҳои таълим вобаста аст. Яке аз онҳо – баробарии тасвир ва тавсифи писарону духтарон ба сифати персонажҳо ва қаҳрамонони матнҳои китоби дарсӣ аст. Гузашта аз ин, духтарон дар баробари писарон бояд мақоми шоиста дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ набояд ба инъикоси падидаҳое, ки баробарии гендериро халалдор месозанд, роҳ дода шавад.

Масъалаи бисёр муҳимми дигар таъмини таҳсилоти фарогир аст. Таҳсилоти фарогир дастрасии комили ҳамаи кӯдаконро ба таҳсил, новобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷисмонию рӯҳӣ ва мансубият ба миллат, нажод, забон, дин ва фарҳанг дар назар дорад. Дар дурнамои рушди низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби ҳарчӣ бештари кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла, кӯдаконе, ки дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ мебошанд, ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсили ин гурӯҳи хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълим бо назардошти хусусиятҳои инфиродии онҳо таҳия ва истифода гарданд. Кӯдакони имконияташон маҳдуд дар китобҳои дарсӣ (матнҳо) на дар ҳолати маҳзуниву эҳтиёҷманди ёрӣ ва хайрхоҳӣ, балки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа тасвир ва тавсиф ёбанд. Ҳамзамон бо ин, фароҳам овардани муносибати хайрхоҳона ва ҳамдигарфаҳмӣ, дастгирии мутақобила ва эҳтироми дӯстӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои низоми таҳсилоти муосир аст.

Ҳамин тариқ, моҳияти асосии таҳсилоти муосир ҷорӣ намудани муносибати тафриқавӣ ба таълим (бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон) ва пешниҳоди хизматрасониии таҳсилотӣ дар ҳамон ҳаҷмест, ки ба ин хусусиятҳои инфиродӣ мувофиқат мекунад.

## ТАЛАБОТ БА ҲАҶМ, СИФАТ ВА МАВЗУИ МАВОДДИ ТАЪЛИМ

Ҳаҷми маводди таълим барои ҳар як синф тибқи мундариҷа ва муҳтавои барномаи таълим муайян мегардад. Он вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва имкониятҳои ҷисмонию зеҳнии хонандагон пешниҳод мегардад.

Дар муайян намудани ҳаҷми маводди таълим ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ кардан зарур аст:

**Талабот ба интихоби матнҳо, мавзӯъ ва таносуби гуногунии онҳо**

Ҳаҷм ва мазмуни матни машқҳо бояд ба ҳадафҳои таълими фан созгор бошад ва барои ташаккули малакаву маҳорат ва салоҳиятҳои таълимиву тарбиявии хонандагон мусоидат кунад. Машқҳое пешниҳод мешаванд, ки гуногунҷабҳа буда, дар баробари мутобиқати пурра ба хусусиятҳои синнусолӣ ба рушди тафаккури хонандагон равона шуда бошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ кор бо матнҳое, ки моҳияти зӯроварӣ, хушунат, куштор, хурофотпарастӣ ва дигар падидаҳои номатлуби ҷомеа мебошанд, қатъиян манъ аст.

**Талабот ба расму суратҳо**

Расму суратҳо ва умуман, ороиши китоби дарсии «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) барои синфҳои ибтидоӣ барои таъмини таълими самаранок ва бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба таҳсили илм ва тарбияи эстетикии онҳо нақши муҳим дорад. Расму суратҳо қисми таркибии мундариҷаи китоби дарсӣ ба шумор мераванд, аз ин рӯ, онҳо бояд бо мазмуни матну супоришҳо ва мавзуи таълимӣ комилан мувофиқ бошанд. Расме, ки ба ин ё он матн бахшида мешавад, бояд барои пурра гардонидани мазмуни матн кумаки амалӣ расонад. Расму суратҳо барои бозиҳои гуногуни дидактикӣ, аз ҷумла, хондани ребусҳо, ёфтани чистонҳо, ташкили суҳбатҳо ва рушди нутқи шифоҳӣ низ истифода мешаванд. Истифодаи рангҳои гуногун, ҳаҷм ва дигар хусусиятҳои ашёи тасвирӣ тибқи талаботи меъёрҳои муқаррагардида ба роҳ монда мешавад. Таносуби матну супоришҳо бо ҷойгузории расму суратҳо вобаста ба ҳар синф муайян гардида, зина ба зина ҳаҷми истифодаи тасвирҳо дар синфҳои боло (2, 3, 4) мутаносибан камтар мегардад.

# II. САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

Мақсади таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ банақшагирии қаблии натиҷаҳои таълими фан, натиҷаҳои чашмдошти фаъолият аз фанҳои таълимӣ аст.

Татбиқи муносибати босалоҳият (такя ба салоҳиятҳои фаннӣ, умумӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ), пеш аз ҳама, ин муайян намудани мақсад дар шакли натиҷаҳои интизории таълим буда, интихоби мазмун ва методика (технология)-и таълими мувофиқ ба мазмуни таълимӣ мебошад. Натиҷаи таълим маҷмуи дониш, малака, маҳорат, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ соҳиб мегарданд.

Яке аз хусусиятҳои асосии татбиқи ташаккули салоҳиятҳо ба монанди бедор кардани ҳавасмандӣ ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддии хонандагон дар истифодаи дониш, малака ва маҳорати пайдошуда дар ҳаллу омӯзиши силсилаи масъалаҳо ва маводи амалию назариявӣ мебошад.

## 2.1. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФҲОИ 1-4

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| **САМТИ ТАЪЛИМИ 1. ИНСОН ВА ТАБИАТ** | | | | |
| ТАБИАТИ МАҲАЛЛИ ЗИСТИ МАН | **1. Хонанда ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ фикру андешаҳои худро оид ба табиати маҳали зисти худ баён карда метавонад** | | | |
| | – Ашёи зинда ва ғайризиндаро мешиносад ва фарқ карда метавонад.<br>– Фаҳмиши ниёзҳои мавҷудоти зиндаро тавассути ғамхорӣ ба онҳо нишон дода метавонад, масалан, об додани растаниҳо ва хӯрок додани ҳайвонот.<br>– Хусусиятҳои умумии растаниҳо, масалан, реша, поя, навда ва барг доштани онҳоро муайян карда метавонад.<br>– Ҷиҳатҳои умумии ҳайвонот, масалан сар, пой, бол доштани онҳоро шинохта, онҳоро аз рӯйи мушоҳидаи бевоситаи худ ва расмҳо муайян карда метавонад.<br>– Обу ҳаво ва вақти рӯзро мушоҳида карда, дарк мекунад, ки ин ба интихоби либос таъсир мерасонад (масалан, «Мо дар тобистон/зимистон чӣ гуна либос мепӯшем? Чаро?»).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад. | – Чӣ будани падида (ҳодиса)-и табииро фаҳмонда, аз падидаҳои гуногуни табиӣ мисолҳо оварда метавонад.<br>– Ҳолати обу ҳаво ва табиати маҳалли зисти худро мушоҳида карда, тағйирёбии онҳоро дар фаслҳои гуногуни сол шарҳ дода метавонад.<br>– Расму тасвир ва воситаҳои графикиро барои мушоҳидаи обу ҳавои маҳалли зисти худ истифода бурда, натиҷаҳои онро барои моҳ, нимсола ва тамоми сол дар ҷадвали махсус қайд карда метавонад.<br>– Ашё ва падидаҳои табиии атрофи худро таҳлил карда, онҳоро аз рӯйи якчанд хусусият ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад (масалан, онҳоро ба ҷисмҳои заминӣ ва осмонӣ, зинда ва ғайризинда, табиӣ ва сунъӣ ҷудо мекунад).<br>– Оид ба ашё ва ҳодисаҳои олами атроф саволу ҷавоб карда, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | – Таркиби ашёи табииро номбар карда, онро мувофиқи формулаи ҷисм-модда-молекула шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳодисаи табиӣ (масалан, Гардиши об дар табиат)-ро мефаҳмонад, аз рӯйи омӯзиш, мушоҳида, таҳлил ва хулосаҳои худ сабабҳо ва нақши онро барои муҳити зисти худ нишон дода метавонад.<br>– Аз рӯйи мушоҳидаҳои худ ва маводи омӯхташуда бо мисолҳои мушаххас робитаи мутақобилаи ашё ва падидаҳои ғайризинда ва зиндаро дар маҳали зисти худ нишон дода метавонад (масалан, робитаи байни релеф, иқлим, хок, растаниҳо, ҳайвонот, замбӯруғҳо ва микроорганизмҳо).<br>– Тағйирот дар осмон ва сатҳи заминро мушоҳида карда, метавонад таҳқиқ кунад, ки чӣ гуна тағйирёбии обу ҳаво ба ҳайвоноти маҳаллӣ, ба монанди ҳайвоноте, ки ба хоби зимистона меравандё ба | – Дар бораи ашё ва ҳодисаҳои олами атроф навишта метавонад ва натиҷаҳои кори худро дар шакли иншои хурд (эссе), ҳикоя ва бо истифодаи воситаҳои тасвирӣ нишон дода метавонад.<br>– Дар робита бо вазифаи мушаххаси таълимӣ объекти омӯхташавандаи маҳали зисти худро тавассути иҷрои амалҳои муайян, аз қабили: ҳалли масъала, ҳисоб, истифодаи графика ва таҳияи лоиҳаи хурд таҳлил ва арзёбӣ карда метавонад.<br>– Мисолҳои мушаххасро оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиии маҳали зисти худ пешниҳод карда, истифодаи онҳоро аз ҷониби инсон нишон дода метавонад.<br>– Аз рӯйи натиҷаи мушоҳида, таҳлил ва хулосаҳои худ ба ашё ё ҳодисаи муайяни муҳити атроф баҳо дода метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда оид ба омӯзиши унсурҳои маҳалли зист (масалан, таҳқиқи вазъи экологии |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ТАБИАТИ МАҲАЛЛИ ЗИСТИ МАН | – Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Ҳайвон даҳон дорад ва хӯрок мехӯрад», «Рустанӣ реша дорад ва обро меҷаббад» истифода карда метавонад. | – Дар тадқиқоти гуногуни ҳидояткунанда оид ба омӯзиши ашё ва ҳодисаҳои табиӣ иштирок карда, фаъолиятҳоро банақша мегирад ва натиҷаҳои кори худро дар шакли гуногун (саволу ҷавоб, эссе, ҷадвал) пешниҳод менамояд. | паррандаҳои кӯчанда, таъсир мерасонад.<br>– Воситаҳои навиштӣ, тасвир, расм ва калимаҳои мувофиқро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳои худ истифода бурда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шиноси маҳали зисти худ пешгӯӣ карда метавонад. | маҳалли зист) иштирок мекунад ва фикрҳои худро ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда метавонад.<br>– Ҷавобҳои худро барои посух додан ба саволҳо дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо оид ба маҳалли зисти худ (масалан, «Таъсири инсон ба тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он») истифода карда метавонад. |
| ТАБИАТИ КИШВАРИ МАН | **2. Хонанда хусусиятҳои табиати кишвари худро ба таври гуногун тавсиф карда метавонад** | | | |
| | – Зимни омӯзиши унсурҳои табиии маҳалли зист, баъзе ашёи табиати кишварро номбар карда метавонад (масалан, ба ғайр аз минтақаи мо, дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон низ кӯҳҳо мавҷуданд).<br>– Аз рӯйи расму тасвирҳо ва мушоҳидаҳои худ (аз телевизион ва интернет) дар бораи баъзе унсурҳои табиати кишвар маълумот дода метавонад (масалан, «ман бо телевизор дидам ки бузҳои ёбоӣ дар кӯҳистони кишвар хеле зиёданд ва онҳоро одамон ҳифз мекунанд»).<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои | – Табиати шаҳр ё деҳоти кишвари худро бо мисолҳои мушаххас тавсиф карда метавонад (масалан, одамон аз замонҳои қадим дар наздикиҳои ҳамдигар зиндагӣ мекунанд, шаҳр нуқтаи калони аҳолинишин аст, дар шаҳр дарахтони сояафкан ва гулу гиёҳҳои ороишӣ зиёданд, дар шаҳрҳо боғи ҳайвонот вуҷуд дорад; деҳот нисбати шаҳр аҳолии кам дорад, ҳавои деҳот тоза аст ва ғайра).<br>– Манзараҳои нотакрори табиати кишвари худ (масалан, кӯҳи намак, чашмаҳои шифобахш, кӯҳи оташбарор ва ғайра)-ро номбар карда, хусусияти онҳоро шарҳ дода метавонад. | – Унсурҳои муҳими табиати Тоҷикистонро номбар мекунад, дар натиҷаи мушоҳида ва таҳлил хусусияти онҳоро шарҳ медиҳад (масалан, барои чӣ «Тоҷикистони офтобрӯя» мегӯянд).<br>– Ҳангоми иҷрои кори амалӣ баъзе ҳамвориҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистонро ба харитаи тарҳӣ (контурӣ) мегузаронад ва фоизи ишғолнамудаи кӯҳҳо ва ҳамвориҳоро дар қаламрави Тоҷикистон нишон дода метавонад.<br>– Унсурҳои табиати кишвари худ (дарёҳо, кӯлҳо, водиҳо, наботот ва ҳайвонот)-ро тавсиф карда, фикрҳои худро | – Дар асоси таҳлил ва арзёбии объекти муайяни омӯзиш ба унсурҳои алоҳидаи табиати кишвари худ баҳо дода метавонад (масалан, нисбати мазмуни мавзӯи мушаххас хулосаҳои худро мегӯяд).<br>– Оид ба унсурҳои алоҳидаи табиати Тоҷикистон фикрҳои худро ба таври шифоҳӣ (сӯҳбат, муҳокима, муколама) ва хаттӣ (эссе, воситаҳои графикӣ, тасвири расм) баён карда метавонад.<br>– Мазмуни таълимро ба ҳаёти воқеӣ пайваста, вазъиятҳои хаётиро, ки ба табиати кишвар дахл доранд таҳлил ва хулоса карда метавонад. |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ТАБИАТИ КИШВАРИ МАН | шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар бузҳои ёбоии кишвари мо ҳифз карда нашаванд, … рух медиҳад».<br>– Калима, тасвир ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад. | – Ҳангоми омӯзиш фикрҳояшро оид ба мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди: «Дар шаҳр нақлиёт бисёр аст, бинобар ин ҳавои шаҳр ифлос мебошад», «Дар деҳот корхонаҳо ва нақлиёт каманд, боғу дарахтон зиёданд, аз ин хотир ҳавои деҳа тоза аст», истифода бурда метавонад. | бо мисолҳои мушаххас асоснок карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба табиати кишвар истифода бурда метавонад.<br>– Ба саволҳо посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Одамон бо кадом мақсад дарахтонро мебуранд ва ин кори онҳо ба чӣ меорад». | – Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда барои омӯзиши объекти муайяни омухташавандаи кишвар иштирок мекунад ва натиҷаи кори худро дар шакли гуногун муаррифӣ карда метавонад.<br>– Калима, тасвир ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба табиати Тоҷикистон истифода бурда метавонад. |
| ТАБИАТИ САЙЁРАИ МАН | **3. Хонанда аз рӯйи хусусиятҳо табиати кишвари худро бо дигар минтақаҳои ҷаҳон муқоиса карда метавонад** | | | |
| | – Дар заминаи омӯзиши табиати маҳалли зист ва кишвар ба мушоҳидаҳо, таҳлил ва хулосаҳои худ такя намуда, оиди баъзе унсурҳои табиати курраи Замин маълумот дода метавонад (барои мисол, ман бо телевизор дидам ки дар Африқо фил, шер … зиндагӣ мекунанд).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба масъалаи омухташа-ванда истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо | – Қитъаҳои олам (Аврупо, Осиё, Амрико, Африқо, Австралия ва Антарктида)-ро номбар карда, онҳоро аз рӯйи масоҳат таҳлил мекунад ва аз калон ба хурд бо тартиби муайян гузошта метавонад.<br>– Дар асоси мушоҳида ва хулосаҳои худ хусусияти табиати ҳар як қитъаро ба таври умумӣ (масалан, кӯҳҳои баландтарини ҷаҳон дар Осиё ҷойгиранд, аз сабаби гарм будани ҳаво дар Африқо пӯсти одамон сиёҳ шудааст, дар Антарктида аз сабаби хунук будани ҳаво рустаниҳо намерӯянд) шарҳ дода | – Аз рӯйи мушоҳида ва хулосаҳои худ хусусиятҳои табиати курраи Заминро бо табиати кишвари худ муқоиса карда метавонад (масалан, обу ҳавои кишвари мо нисбат ба дигар минтақаҳо гармтар/хунуктар аст).<br>– Оид ба мавҷудоти зинда маълумоти умумӣ дода, онҳоро аз рӯйи хусусият ба чор гурӯҳи калон/олам (наботот, ҳайвонот, занбӯруғҳо ва микро-организмҳо) ҷудо карда метавонад.<br>– Аз сарчашмаҳои гуногун истифода бурда, миқдори | – Ба саволҳо оид ба сохти кайҳон ҷавоб медиҳад ва як ҷузъи он будани сайёраи Заминро бо мисолҳо шарҳ дода метавонад.<br>– Аз рӯйи мушоҳидаи расм ва таҳлили ҷойгиршавии сайёраҳо мавқеи Заминро дар Системаи офтобӣ муайян карда метавонад.<br>– Ҳаракатҳои Замин (ҳаракати Замин дар атрофи меҳвари худ ва дар атрофи Офтоб) ва натиҷаҳои он (ба амал омадани ҳодисаи шабу рӯз ва ивазшавии фаслҳои сол)-ро |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ТАБИАТИ САЙЁРАИ МАН | дар ранди дарс истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. Масалан, «Агар …, чӣ рух медиҳад». | метавонад.<br>– Ҳангоми муҳокима ва муколамаҳо аз рӯйи мушоҳида ва чизҳои дидаю шунидаи худ фикрҳояшро оид ба табиати сайёра бо мисолҳо асоснок карда метавонад (масалан, падарам, бародарам гуфт, ки дар Африқо биёбони калон-тарини ҷаҳон ҷойгир аст).<br>– Савол медиҳад ва ба савол посух дода, оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиии шинос пешгӯӣ карда метавонад. Масалан, «Дар ҳолати пешгирӣ накардани ҷариҳосилшавӣ … рух медиҳад». | намудҳоро дар курраи Замин мегӯяд (масалан, чӣ қадар наботот ва ҳайвонот зиндагӣ мекунанд), илми биологияро шарҳ медиҳад ва нақши онро дар омӯзиши мавҷудоти зинда бо мисолҳои мушаххас нишон дода метавонад.<br>– Дар раванди омӯзиш, аз рӯйи мушоҳида, таҳлил, ва хулосаҳои худ хусусияти паҳншавӣ ва мутобиқати мавҷудоти зиндаро дар табиат дарк намуда, бо мисолҳо фаҳмонда метавонад ва шарҳ медиҳад, ки мавҷудоти зинда дар ҷойҳои гуногун, масалан, дар хушкӣ, об, ҷойҳои сард ва гарм зиндагӣ карда метавонанд.<br>– Дар мисоли «Занҷири ғизо» ва «Гардиши ҳаёт» оид ба алоқамандии табиати зинда ва ғайризинда сӯҳбат карда метавонад. | шарҳ дода метавонад.<br>– Фаҳмонда метавонад, ки ҳамаи ҷараёнҳои табиӣ дар Замин бо таъсири нури Офтоб ба амал меоянд ва оид ба он мисол меорад (масалан, ҳангоми нурафкании Офтоб рустаниҳо месабзанд).<br>– Тағйироти дар табиат баамалояндаро мушоҳида ва таҳқиқ карда, даврӣ будани онро мефаҳмад, ҳастии оламро дар шакли том/яклухт дарк карда, баъзе ҳодисаҳоро пешгӯӣ карда метавонад (масалан, «Агар барои ҳалли мушкилоти гармшавии сайёра тамоми аҳли башар мубориза набаранд … рух медиҳад».<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад. |
| ҲИФЗИ ТАБИАТ | **4. Хонанда сабабҳои ифлосшавии муҳити атрофро шарҳ дода, оид ба ҳифзи табиат корҳои муайянро анҷом дода метавонад** | | | |
| | – Нисбати табиати атрофи худ (масалан, ҳайвон ва рустании хонагӣ) ҳисси ғамхорӣ зоҳир карда метавонад (ба онҳо хӯрок медиҳад, ба сайру гашт мебарорад, ба ҳайвони ҷабрдида ёрӣ мерасонад, ба гулҳо об медиҳад). | – Ба таври умум харобиҳои табиат (ифлос шудани об, ҳаво ва хок, кам шудани нобототу ҳайвонот)-ро номбар мекунад ва моҳияти илми экологияро ба таври содда шарҳ дода метавонад. | – Зарурати ҳифз намудани табиатро бо мисолҳо асоснок карда метавонад.<br>– Нақши мамнӯъгоҳҳо ва Китоби Сурхро дар ҳифзи муҳити зист шарҳ дода метавонад. | – Бо мисолҳои мушаххас алоқамандии табиат, инсон ва ҷамъиятро нишон дода метавонад.<br>– Дар асоси омӯзиш, мушоҳида ва таҳлилҳо таъсири мусбӣ ва манфии инсонро ба табиат шарҳ дода, муносибати |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ҲИФЗИ ТАБИАТ | – Рафторҳои нодурусти одамро (ба мисли: азоб додани ҳайвонҳо, шикастани шохи дарахтон, поймол кардани рустаниҳо/гулҳо, ифлос кардани об ва партофтани партов дар табиат) танқид карда, таъсири манфии чунин рафторҳоро шарҳ дода метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба ҳифзи табиат истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Одамон қудрат доранд ва бояд табиатро ҳифз кунанд» истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда (масалан, «тоза намудани саҳни мактаб ба хотири пешгирии ифлосшавӣ») барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. | – Ҳангоми таҳлили вазъиятҳо, мушоҳидаҳо ва муколама бо ҳамсинфон, гунаҳгорони сар задани мушкилоти экологиро дар табиат муайян карда метавонад.<br>– Роҳҳои ҳифзи табиати атрофи худро амалан нишон дода метавонад (масалан, дар корҳои кабудизоркунии маҳал ва мактаб иштирок мекунад, партовҳоро дар ҷойҳои махсус мепартояд).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «тоза намудани муҳити маҳал бо мақсади пешгирии бемориҳои сирояткунанда» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Оқибати ифлосии табиат ба чӣ оварда мерасонад?». | – Якҷоя бо ҳамсинфон мушкилоти экологии маҳалли зисти худро муайян карда, онҳоро таҳлил мекунад ва роҳҳои бартараф намудани онҳоро дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ пешниҳод карда метавонад.<br>– Бо ёрии омӯзгор ва ҳамсинфон рӯйхати ҳайвонот ва набототи нодири маҳалли зисти худро тартиб дода метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Хонанда калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «ҳайвонот ва рустаниҳо ба муҳофизат ниёз доранд ва бояд ҳифз карда шаванд» истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили: «нигоҳубин ва мушоҳидаи тарзи ҳаёти ҳайвонот ва набототи гӯшаи зиндаи мактаб» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. | байниҳамдигарии инсон ва табиатро дар якчанд самти мусбию манфӣ арзёбӣ карда метавонад.<br>– Оид ба нақши инсоният ва ташкилотҳои байналхалқии ҳифзи табиат (масалан, ГРИНПИС) дар беҳдошти вазъи экологии сайёраи Замин мисолҳо оварда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «кори лоиҳавӣ барои натиҷагирӣ аз таъсири манфии инсон ба маҳалли зист» бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар барои ҳифзи табиат ҳамаи аҳли башар дар якҷоягӣ мубориза набаранд … рух медиҳад» |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| **САМТИ ТАЪЛИМИ 2. ИНСОН ВА ҶАМЪИЯТ** | | | | |
| ОИЛАИ МАН | **5. Хонанда нақш ва вазифаҳои аъзои хонаводаашро муайян карда, як қатор роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила намоиш дода метавонад** | | | |
| | – Дарахти оилавиро ба таври сода тасвир карда, дар он ҳар як аъзои оиларо нишон дода метавонад.<br>– Дар асоси мушоҳида ва таҳлилҳои худ дар бораи аъзоёни оила хулосаҳои худро оид ба нақш ва вазифаҳои аъзоёни оила баён карда метавонад (масалан, падар/модарам кор мекунанд ва барои буҷаи оила пул пайдо мекунанд, бародарам/ хоҳарам дар мактаб мехонанд).<br>– Накш ва саҳми худро дар оила ҳамчун аъзои хурдсоли оила нишон дода метавонад (масалан, ин ҳуҷраи ман, ман дар ин ҷо дарс тайёр мекунам, дар ин ҷо бозӣ мекунам, филмҳои тасвирии дӯстдоштаи ман инҳоянд, дар ин корҳо ба волидон ёрӣ мерасонам).<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда (масалан, «Ёрӣ расонидан дар корҳои оилавӣ бо мақсади дастгирии аъзоёни оила») барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Нисбати масъалаи омӯхташаванда ба савол посух | – Барои банақша гирифтани кору фаъолияти худ речаи шабонарӯзӣ тартиб дода метавонад.<br>– Вобаста ба вазъият, дар ҳолатҳои зарурӣ ба речаи шабонарӯзии худ тағйирот ворид карда метавонад ва сабаби онро шарҳ медиҳад.<br>– Бо аъзоёни оилаи худ оид ба нақшаҳо дар давраи таътили тобистона маслиҳат карда, фаъолияти худро дар ин давра банақша гирифта метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба оилаи худ истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили: «Бо кадом роҳҳо речаи шабонарӯзиро беҳтар кардан мумкин аст?» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба саволҳо посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ҳодиса ва вазъиятҳои шиноси оилавӣ пешгӯӣ карда метавонад, | – Дар корҳои дастаҷамъонаи оилавӣ ва маҳал (масалан: дар корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, аз партовҳо тоза намудани атроф) иштирок карда, саҳми худро нишон дода метавонад.<br>– Роҳу воситаҳои гуногуни ба аҳли хонавода расонидани ёриро шарҳ медиҳад ва дар ин масъала саҳм гузошта метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «Роҳу воситаҳои гуногуни ба аҳли хонавода ёрӣ расондан» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Аз дастовардҳои оилавӣ фахр карда, онҳоро қадр карда метавонад (масалан, падари ман ифтихорнома дорад, расми модари ман дар рӯзнома чоп шудааст ва ғайра)<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи воқеаҳои ҳаёти | – Дар корҳои ҷамъиятии оилавӣ иштирок намуда, ба саҳми оилаи худ дар чунин чорабиниҳо баҳо дода метавонад (масалан, ман имрӯз бо падар ва бародарам дар маъракаи ниҳолшинонии маҳал иштирок карда, 20 ниҳол шинондем ва ман барои овардани об ба онҳо ёрӣ расонидам).<br>– Кору фаъолияти аъзои оиларо мушоҳида ва таҳлил карда, хулосаҳои худро оид ба манбаъҳои даромад (буҷа)-и оилавӣ баён карда метавонад.<br>– Фикрҳои худро барои посух додан ба саволҳо дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Талаботи худро вобаста ба даромади оила қонеъ мегардонем ва дар сарфа намудани буҷаи оила саҳм мегузорем» истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «Мо ҳангоми истироҳати оилавӣ табиатро ифлос намекунем» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ОИЛАИ МАН | медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар бачаҳо ба волидон ёрӣ нарасонанд, ин боиси … мегардад». | масалан, «Агар мо аз рӯйи реҷаи муайяни шабонарӯзӣ фаъолият накунем … ба амал меояд». | оилавии мушоҳидакардааш, ки барояш шинос мебошанд, пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар … рух медиҳад». (Саволгузорӣ ва пешгӯӣ) | – Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ҳодисаю воқеаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар аъзоёни оила аз як гиребон сар бароранд ... анҷом дода метавонанд». |
| ВАТАНИ МАН | **6. Хонанда дар асоси омӯзиш, мушоҳида ва таҳлил хусусиятҳои Ватан ва ҷамъияти худро шарҳ дода метавонад** | | | |
| | – Номи ватани худро мегӯяд ва мафҳуми «Ватан»-ро шарҳ дода метавонад.<br>– Рангҳои парчами давлати Тоҷикистонро фарқ карда, маънои тасвирҳои нишони давлатиро фаҳмонда метавонад.<br>– Номи пойтахти ватани худро мегӯяд ва оид ба баъзе иншоотҳои машҳури пойтахт сӯҳбат карда карда метавонад (масалан, қасри миллат, китобхонаи миллӣ, муҷассамаи Сомонӣ).<br>– Касбҳои гуногунро номбар карда, касби дӯстдоштаи худро тавсиф мекунад ва мегӯяд ки барои чӣ ӯ ин касбро дӯст медорад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух | – Аз харита ватани худ (Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро нишон дода метавонад.<br>– Мушоҳида ва хулосаҳои худро барои ҷавоб додан ба саволҳо оид ба омӯзиши халқияту миллатҳои сокини Тоҷикистон истифода бурда метавонад.<br>– Ҳангоми омӯзиш тарзи ҳаёти шаҳр ва деҳаро таҳлил намуда, аз рӯйи хусусиятҳо ҳаёти мардуми шаҳр ва деҳотро фарқ карда метавонад.<br>– Ҷашнҳо ва идҳои миллӣ (Садда, Наврӯз, Меҳргон)-ро номбар мекунад ва дар асоси мушоҳида, таҳлил ва хулосаҳои худ хусусияти онҳоро шарҳ дода метавонад (масалан, иди Саддаро дар фасли зимистон ҷашн мегиранд, Наврӯз айёми кишту кори баҳорӣ аст ва ғайра).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти | – Пойтахти кишварро тавсиф намуда, оид ба таърих, фарҳанг ва ҷойҳои лоиқи дидании он маълумот дода метавонад (боғҳо, истироҳатгоҳҳо, музейҳо, театрҳо, китобхонаҳо, қасрҳо, боғи ҳайвонот ва ғайра).<br>– Вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи маркази Тоҷикистонро номбар мекунад, онҳоро аз харита нишон медиҳад ва хусусиятҳои умумии онҳоро шарҳ дода метавонад (мавқеи ҷойгиршавӣ, боигарӣ, соҳаҳои пешрафта ва ғайра).<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «омӯзиши шуғли асосии мардуми минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ барои шиносоӣ бо тарзи зиндагии онҳо» бо истифода аз сарчашмаҳо барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух | – Калимаҳои мувофиқро барои шарҳ додани мафҳумҳои асосии «Иқтисодиёт» истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, масалан, «Шиносоӣ бо сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон бо мақсади дарк кардани шуғли асосии мардуми Тоҷикистон» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Дар натиҷаи омӯзиш, мушоҳида ва таҳлилҳо молу маҳсулоти содиротии кишварро номбар мекунад ва соҳаҳои пешрафтаи иқтисодиёти Тоҷикистонро муайян карда метавонад.<br>– Хусусиятҳои миллӣ ва стратегии иқтисодиёти кишвар (масалан, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллӣ)-ро мефаҳмонад, саҳми онҳоро дар рушди иқтисодиёти кишвар |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ВАТАНИ МАН | додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Тоҷикистон ватани мо аст, зеро мо дар ин давлат таваллуд шудаем ва зиндагӣ мекунем» истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «омӯхтани парчами Тоҷикистон бо мақсади муайян кардани рамзи рангҳои парчами давлатӣ» бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Хонанда ба саволҳо посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳои худ, ба монанди «Мардуми шаҳр асосан дар корхонаҳо кор мекунанд, зеро ба мисли деҳа дар шаҳр заминҳои корам вуҷуд надорад» истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар мардуми деҳот киштукор накунанд, ... рух медиҳад». | додан ба саволҳо дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Тоҷикистон давлати мустақил аст, бинобар ин парчам, нишон ва пули миллӣ дорад» истифода карда метавонад.<br>– Расм, тасвир, калимаҳо ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад, худаш савол дода метавонад ва дар бораи ҳодисаю воқеаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар .... чӣ рух доданаш мумкин». | нишон дода, фикрҳои худро бо мисолҳои мушаххас асоснок карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар дар Тоҷикистон ҳамвориҳо зиёд мешуданд, ин ба иқтисодиёти кишвар ... мерасонид».<br>– Донишҳои бадастовардаи худро ҳангоми навиштани кори лоиҳавӣ оид ба аҳолӣ ва иқтисодиёти маҳалли зисти худ истифода бурда метавонад. |
| ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ | **7. Хонанда хусусиятҳои сохти ҷамъиятҳои гуногунро муқоиса карда, роҳҳои ба ҷамъияти худ мутобиқ кардани онҳоро нишон дода метавонад** | | | |
| | – Баъзе унсурҳои ҷомеаи ҷаҳониро аз рӯйи мушоҳидаҳои худ тариқи телевизион ва интернет шарҳ дода метавонад (масалан, ҷанҷолҳо, баргузории чемпионатҳо, олимпиадаҳо).<br>– Номи баъзе кишварҳои истеҳсолкунандаи молҳое, ки дар рӯзгор истифода мебарад, гуфта метавонад (масалан, | – Харитаи сиёсии ҷаҳонро мешиносад ва хусусиятҳои онро ба таври умумӣ шарҳ дода метавонад (масалан, дар он давлатҳо бо рангҳои алоҳида нишон дода шудаанд, сарҳад ва пойтахти давлатҳо дарҷ гардидаанд ва ғайра).<br>– Давлатҳои алоҳидаи калони ҷаҳонро номбар мекунад, дар кадом қитъа ҷойгир будани | – Хонанда кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистонро номбар мекунад ва аз харита нишон дода метавонад.<br>– Дар асоси мушоҳида, таҳлил ва хулосаҳои худ хусусияти давлатҳои ҳамсояро ба таври умумӣ шарҳ дода метавонад (масалан, аз кадом самт бо ватани мо ҳамсарҳад аст, пойтахташ кадом шаҳр аст, | – Аз рӯйи мушоҳида ва таҳлилҳои худ оид ба сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба таври оддӣ маълумот дода метавонад.<br>– Калимаҳои мувофиқро барои шарҳ додани мафҳуми «Бозори ҷаҳонӣ» истифода мебарад ва нақши онро дар пешрафти иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ва |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ | дучорхаи ман аз Русия оварда шудааст, телевизори мо дар Ҷопон истеҳсол шудааст, ин либос истеҳсоли Туркия аст ва ғайра).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳои худ истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | онҳоро мегӯяд ва бо ёрии омӯзгор ва ҳамсинфон аз харита нишон дода метавонад.<br>– Харитаи сиёсии ҷаҳонро мушоҳида карда, ҷойгиршавии Тоҷикистонро нисбати дигар давлатҳо муқоиса карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Тоҷикистон давлати сулҳхоҳ аст, бинобар ин бо дигар давлатҳо муносибати дӯстона дорад» истифода карда метавонад.<br>– Хонанда дар тадқиқоти ҳидоятшаванда барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. | шуғли мардумаш аз чӣ иборат аст ва ғайра).<br>– Оид ба муносибати додугирифти кишварҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳо бо Тоҷикистон мисолҳо оварда метавонад.<br>– Тасвирҳо, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳои мувофиқро барои посух додан ба саволҳо дар бораи мушоҳида ва хулосаҳои худ истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, оид ба воқеа ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | Тоҷикистон нишон дода метавонад.<br>– Хонанда мафҳумҳои «буҷа», «пул» ва «мол»-ро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад ва оид ба ин мафҳумҳо дар мисоли иқтисодиёти Тоҷикистон мисолҳо оварда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидояткунанда, аз қабили «шаклҳои мубодила дар бозор («мол бо пул» ва «мол бо мол») барои муайян кардани дараҷаи рушди иқтисодиёти кишварҳо» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Аз мушоҳидаҳои худ ва сарчашмаҳои гуногун истифода бурда, нақши Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ нишон дода метавонад (масалан, мушкилоти оби нӯшокӣ, терроризм, мубориза бо маводи мухаддир ва ғайра).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад. |
| МУНОСИБАТ БО ОЛАМ (ҶОМЕА)-И АТРОФ | **8. Хонанда тарзҳои гуногуни муносибати мусбиро дар ҷамъият шарҳ медиҳад ва риоя карда метавонад** | | | |
| | – Муносибати хуб (мусбӣ)-ро аз муносибати бад (манфӣ) дар ҷамъият фарқ мекунад ва оид | – Қоидаҳои одоби саломро шарҳ дода, онҳоро дар оила, мактаб ва ҷомеа риоя карда | – Амалҳои хайрро шарҳ дода метавонад ва ба шахсони мӯҳтоҷ ва корафтода ёрӣ | – Муносибати худро бо олами атроф дар шакли амалҳои мушаххас нишон дода |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| МУНОСИБАТ БО ОЛАМ (ҶОМЕА)-И АТРОФ | ба онҳо сӯҳбат карда метавонад.<br>– Муносибати хубро нисбати шахсони наздики худ (волидон, дигар аъзоёни оила ва дӯстон) амалан нишон дода метавонад (масалан, бо онҳо маслиҳат мекунад, ба гапи онҳо гӯш медиҳад, онҳоро намеранҷонад, нисбати онҳо дағалӣ намекунад).<br>– Дар мактаб қоидаҳои талабагиро риоя карда, эҳтироми омӯзгоронро ба ҷо оварда метавонад (масалан, сари вақт ба дарс меояд ва ба хона бармегардад, бо тайёрӣ ба дарс меояд, дар мактаб беодобӣ намекунад ва бо рафиқон ҷанҷол намекунад).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои гуногуни шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар .... чӣ рух медиҳад». | метавонад.<br>– Ҳангоми риояи қойидаҳои одобу рафтор аз суханони сеҳрнок ба мисли: «раҳмат», «марҳамат», «бубахшед» ва ғайра истифода бурда метавонад.<br>– Муносибати боодобонаи худро дар нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо амалҳои муайян нишон дода метавонад (масалан, дар нақлиёт ба калонсолон ҷой медиҳад, кӯча ва боғу гулгаштҳоро ифлос намекунад).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои гуногуни шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар мо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ беодобӣ | мерасонад (масалан, агар рафиқаш маъюб бошад дар вақти зарурӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад, борхалтаи пиронсолро то хонааш мебарад ва ғайра).<br>– Аз рӯйи мушоҳида ва таҳлили рафтори одамон шахсони рафторашон бад (беҷогард, носкаш, сигоркаш, нашъакаш, майнӯш)-ро мешиносад.<br>– Шахсони дар ҷомеа рафторашон бадро маҳкум мекунад, аз чунин шахсон дурӣ меҷӯяд ва сабаби чунин рафтори худро шарҳ дода метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои гуногуни шинос пешгӯӣ карда | метавонад (масалан, оид ба муносибати дурусти одамон нисбати ҳамдигар бо ҳамсинфон ва дӯстон маслиҳат карда, аз рӯйи нақшаи якҷоя тартибдодаашон амал мекунад: ба кадом дустамон ёрӣ лозим аст? Мо чӣ гуна ба ӯ ёрӣ расонида метавонем? Барои ҳалли ин мушкилот боз кӣ ба мо ёрӣ расонида метавонад?).<br>– Бо ҳамсинфон ва дигар бачаҳои ба табиат ва ҷойҳои ҷамъиятӣ зараррасон оиди нодуруст будани рафторашон сӯҳбат карда, оқибати рафтори нодурусти онҳоро фаҳмонда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои гуногуни шинос пешгӯӣ карда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «иҷрои корҳои |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| | | кунем, ин боиси … мегардад». | метавонад. | хайру савоб ба хотири болидахотирии атрофиён» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. |
| **САМТИ ТАЪЛИМИ 3. БЕХАТАРИИ ҲАЁТ ВА БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ** | | | | |
| БЕХАТАРИИ ҲАЁТ ВА БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ ДАР ОИЛА | **9. Хонанда қойидаҳои бехатарии ҳаёт ва беҳдошти саломатиро дар муҳити оила риоя карда метавонад** | | | |
| | – Хатарнокии асбобу ашёи рӯзгорро, ки ба саломатии одам таҳдид меоваранд (масалан, корд, қайчӣ, сӯзан, таҷҳизоти барқӣ ...) шарҳ дода метавонад.<br>– Тарзи дурусти истифодаи асбобу ашёи хатарноки рӯзгорро бо овардани мисолҳои мушаххас нишон дода метавонад.<br>– Аҳамияти шустани дасту рӯй ва дандонҳоро мегӯяд ва тарзи дурусти тоза намудани дандонҳоро нишон дода метавонад.<br>– Дар тоза намудани муҳити атроф, ки манбаи бемориҳо буда метавонанд, саҳм гузошта метавонад.<br>– Фоиданок будани истеъмоли меваю сабзавотро барои инкишофи дурусти организми одам шарҳ дода метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо | – Аз рӯйи мушоҳидаҳои худ ва таҳлили ҳодисаҳои табиии маҳалли зист офатҳои табииро муайян карда метавонад (заминҷунбӣ, сел, обхезӣ ва ғайра).<br>– Таҳдиди офатҳоро ба оилаашон мегӯяд ва роҳҳои оддии паст кардани хатари онҳоро шарҳ дода метавонад (масалан, ҳангоми заминҷунбӣ ба ҳар тараф давидан мумкин нест, ҳангоми сел дар ҷойи бехатар гирифтани худ, тоза намудани обравҳои атрофи хона ва ғайра).<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда, аз қабили «сабабҳои дар хона сарзадани сӯхтор ва роҳҳои пешгирии он» барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух | – Аз таҷрибаи худ истифода бурда, тарзи дурусти муносибат бо оташ, об, газ ва барқро ба аъзоёни хурдсоли оила фаҳмонда метавонад.<br>– Дар ҳолати сар задани ҳодисаи вобаста ба сӯхтор, канда шудани қубури об, қубури газ чораҳои зарурӣ меандешад (масалан, волидонро огоҳ мекунад, додару хоҳари хурдсоли худро ба ҷойи бехатар мебарад, ба рақами хизматрасонии лозимӣ занг мезанад ва ғайра).<br>– Қоидаҳои тарзи ҳаёти солим (риояи тозагӣ, истеъмоли ғизои тоза, меҳнату истироҳат, тарки одатҳои бад)-ро таҳлил карда, зарурати риояи онҳоро дар ҳаёт бо мисолҳо шарҳ дода метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад (мисол, «Агар мо ба қойидаҳои тарзи ҳаёти солим | – Ба бехатарии манзили зисти худ баҳо медиҳад ва мегӯяд, ки то чӣ андоза хонаи онҳо барои зиндагии ӯ бехатар аст.<br>– Бо аъзои оилаи худ хатарҳои имконпазирро муҳокима карда, барои паст кардани зарари онҳо чораҳои зарурӣ меандешад (масалан, омода намудани борхалтаи эҳтиётӣ, тоза кардани селроҳаҳои атрофи хона, сохтани обпарто дар ҳолати рух додани обзезӣ, муайян кардани ҷойҳои бехатари хона барои паноҳ бурдан аз зилзила/сел, ва ғайра).<br>– Дар амалӣ намудани тарзи ҳаёти солим ба аҳли оилаи худ ёрӣ расонида метавонад (масалан, бародару хоҳари худро саҳар аз хоб бедор мекунад, якҷоя бо онҳо ба варзиши пагоҳирӯзӣ машғул мешавад ва ғайра).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| БЕХАТАРИИ ҲАЁТ ВА БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ ДАР ОИЛА | истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар .... чӣ рух медод». | додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Офатҳои табиӣ ба шахсоне зарар мерасонад, ки агар онҳо омодагӣ надида бошанд» истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | риоя накунем … рух медиҳад»).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳои худ оид ба мустаҳкам кардани саломатӣ истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳои мувофиқро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад. | истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда оид ба «Омӯзиши ҳодисаҳои зарарноки табиӣ ба хотири пешгирии хатари онҳо» бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос (масалан, агар чораҳои пешгирикунанда аз офатҳои табиӣ андешида нашаванд ........ рух медиҳанд) пешгӯӣ карда метавонад. |
| | **10. Хонанда ҳангоми ба мактаб рафтан ва дар мактаб ҳузур доштан ба қоидаҳои бехатарӣ ва беҳдошти саломатӣ риоя мекунад** | | | |
| БЕХАТАРӢ ВА БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ (МАКТАБ) | – Тарзи дурусти дар паси мизу курсӣ нишастанро намоиш медиҳад ва мегӯяд ки ин барои инкишофи дурусти организми ӯ муҳим аст.<br>– Хатари бо ручка, қалам ва дигар ашёи халандаю бурандаи таълимӣ бозӣ карданро шарҳ дода метавонад.<br>– Қоидаҳои бехатарии худро берун аз мактаб ба таври оддӣ шарҳ дода метавонад ва риоя мекунад (масалан, ҳангоми ба мактаб рафтан дар роҳҳои мошингард ба қоидаҳои | – Бо ҳамсинфони худ вазъиятҳои муайяне, ки ба қоидаҳои бехатарии ҳаракати роҳ алоқаманд мебошанд, таҳлил ва муҳокима карда, амалҳои дурустро интихоб карда метавонад.<br>– Тарзи бехатари истифодаи асбобу таҷҳизоти барқии мактабро шарҳ дода метавонад (масалан, бе иҷозати омӯзгор ба онҳо даст расонидан мумкин нест, дар ҳолати луч будани симҳои барқ омӯзгорро хабардор кардан ва ғайра).<br>– Аҳамияти варзишро барои | – Вобаста ба вазъияти мавҷуда ба бехатарии мактаби худ ва рафтори хонандагон дар мактаб баҳо дода метавонад (масалан, то чӣ андоза ҳамсинфони ман қоидаҳои ҳаракати роҳро медонанд, аломатҳои ҳаракати роҳ – чароғаки роҳнамо, аломати пиёдагардон ва ғайраро мешиносанд ва шарҳ медиҳанд, онҳоро аз расмҳо нишон дода метавонанд).<br>– Истифодаи дурусти аломатҳои ҳаракати роҳро ба бародар ва хоҳари хурди худ тавсия дода | – Барои пешгирии рафтори нодуруст ва хатарноки хонандагон дар мактаб корҳои муайянро иҷро карда метавонад (масалан, ба хонандагони хурдсол тарзи дурусти рафторро дар дохили бино ва саҳни мактаб мефаҳмонад, дар ҳолати мушоҳида кардани рафтори нодурусти хонандагон (даву тоз, якдигарро тела додан) онҳоро ором мекунад, ба роҳбари синф хабар медиҳад ва ғайра).<br>– Дар сохтани «Гӯшаи дастовардҳои варзишгарони |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| | бехатарии ҳаракати роҳ риоя мекунад).<br>– Ҳангоми истеъмоли ғизо дар мактаб ба қоидаҳои гигиению санитарӣ риоя мекунад (дастонашро мешӯяд, хӯрокҳои кӯҳна ва бӯйнокро истеъмол намекунад).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ашё ва ҳодисаҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар .... чӣ рух медод». | саломатии худ шарҳ дода метавонад ва дар чорабиниҳои варзишии мактабии байни хурдсолон иштирок мекунад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. Масалан, «Агар ҳангоми ба мактаб рафтан ба қоидаҳои ҳаракати роҳ риоя накунем … рух доданаш мумин аст». | метавонад.<br>– Дар чорабиниҳои варзишии мактаб иштирок карда, ба ҳамсинфон ва дӯстони мактабии худ оид ба иштирокашон дар чунин чорабиниҳо тавсия дода метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи ҳолатҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад. | мактаб» саҳм гузошта, оиди ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим ба маъмурияти мактаб ёрӣ расонида метавонад (масалан, дар ташкил намудани мусобиқаҳои варзишӣ, ҷалби хонандагон ба тимҳо).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба бехатарӣ ва беҳдошти саломатӣ истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, оид ба ҳолатҳои шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар шахс ба варзиш машғул нашавад/шавад … рух медиҳад». |
| БЕХАТАРӢ ДАР ТАБИАТ ВА ҶАМЪИЯТ | **11. Хонанда оид ба бехатарии худ дар табиат ва ҷамъият корҳои муайянро иҷро карда метавонад** | | | |
| | – Хатари ҳайвонҳои бесоҳиб (масалан, саг ва гурбаи оворагард)-ро дарк карда, дар ҳолати дучор омадан бо ин гуна ҳайвонҳо ба онҳо кордор намешавад.<br>– Вазъиятҳои ҳаётиро мушоҳида | – Ҳайвонҳои заҳрдор ва дарандаро мешиносад ва аз расм нишон дода метавонад (масалан, ҳашароти заҳрдор, мор, каждум, ҳайвоноти даранда – гург, рӯбоҳ, гурбаи ваҳшӣ). | – Барои таъмини бехатарии худ ва наздикони худ дар табиат ва ҷамъият чораҳои пешгирикунанда андешида метавонад (масалан, хусусияти хатарнокии ҷойҳое, ки барои бозӣ ва гашту гузори кӯдакон хатарнок аст – назди | – Қоидаҳои бехатарии худро дар табиат медонад (масалан, ҳангоми экскурсия аз гурӯҳ ҷудо нашудан, дар ҷойҳои хатарноки кӯҳӣ аз дасти ҳамдигар доштан, бо худ гирифтани ғизо ва доруҳои ёрии аввалин ва ғайра) ва |

| Зерсамтҳои таълим | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| БЕХАТАРӢ ДАР ТАБИАТ ВА ҶАМЪИЯТ | ва таҳлил карда, ба хотири бехатарии ҳаёти худ ба мошини шахси ношинос савор намешавад ва сабаби чунин рафтори худро шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳангоми бо мақсаде аз хона баромадан (масалан, ба бозор, мағоза рафтан ё сафар кардан ба ҷойе) аз волидони худ иҷозат мепурсад ва дар ҳолати набудани волидон дигар аъзоёни оиларо огоҳ мекунад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Дар саволу ҷавоб иштирок карда, дар бораи вазъиятҳои ҳаётии шинос пешгӯӣ карда метавонад, масалан, «Агар бе иҷозати волидон аз хона бароем .... рух медиҳад». | – Роҳҳои ҳифз намудани худро аз ҳайвонҳои хатарнок бо мисолҳои мушаххас нишон дода метавонад.<br>– Фикрҳои худро оид ба хатари наботот, занбуруғҳо, микроорганизмҳои заҳрнок ва қоидаҳои бехатари муносибат бо онҳоро баён карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо оид ба бехатарии худ дар табиат иштирок карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шиноси ба омузиш алоқаманд (масалан, «Дар ҳолати беаҳамияти дар табиат чӣ ҳодиса рух медиҳад») пешгӯӣ карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои оддии графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо оид ба бехатарии худ истифода бурда метавонад. | трансформатори барқ, майдони сохтмон, балкони хонаҳои баландошёна, болои бом, боғҳо ва дарахтзорҳое, ки одамон каманд бо аъзоёни оилаи худ ва дӯстон муҳокима мекунад).<br>– Дар тадқиқоти ҳидояткунанда, аз қабили «ҳангоми дучор омадан бо одамони шубҳанок чӣ бояд кард?» бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад.<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Балкони хонаҳо баланд аст ва барои бозии кӯдакон хатарнок мебошад» истифода карда метавонад.<br>– Ба савол посух медиҳад ва худаш савол дода метавонад, дар бораи вазъиятҳои шиноси ба мавзӯъ алоқаманд пешгӯӣ карда метавонад. | шарҳ дода метавонад.<br>– Оид ба бехатарии инсон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ мисолҳо меорад (масалан, истифодаи айнакҳои муҳофизатӣ, сарпӯши махсус, пӯшидани либосҳои махсус ...) ва фикрҳои худро асоснок карда метавонад.<br>– Ҳуқуқҳои худро мегӯяд ва ҳуҷҷатҳое, ки бехатарии қонунии ҳуқуқи ӯро таъмин мекунанд, номбар карда метавонад (масалан, Конститутсия, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак).<br>– Тасвир, калима ва воситаҳои графикиро барои сабти мушоҳида ва хулосаҳо истифода бурда метавонад.<br>– Калимаҳоро барои посух додан ба саволҳои оддӣ дар бораи мушоҳида ва хулосаҳо, ба монанди «Донистани қонунҳо барои ҳимояи шахсӣ зарур аст» истифода карда метавонад.<br>– Дар тадқиқоти ҳидоятшаванда бо истифода аз узвҳои ҳис барои омӯзиш ва посух додан ба саволҳо иштирок карда метавонад. |

## 2.2. САЛОҲИЯТҲОИ УМУМИТАЪЛИМӢ

Рушди босуръати илму техника ва технология дар шароити муосир аз шахс талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи давру замон мутобиқ созад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар таълим ва муваффақ шудан дар замони муосир интиқоли донишҳо имконият намедиҳад, аз ин лиҳоз таълим бояд салоҳиятҳоеро дар хонанда ташаккул диҳад, ки ӯ мустақилона тартиби фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳо, муқоиса ва таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷроиши фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муоширати созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳоро банақша гирад ва татбиқ карда тавонад. Вобаста ба раванди дарси муосир дар баробари рушди салоҳиятҳои фаннӣ ташаккули салоҳиятҳои умумитаълимӣ низ рушд дода шуда, ҷузъи муҳимми дарс бояд ба шумор равад.

Стандартҳои давлатию фаннӣ ва барномаи таълимӣ бо назардошти эҳтиёҷоти ҷомеаи муосир ва раванди ҷаҳонишавии таҳсилот таҷдиди назар гардида, аз натиҷаҳои ниҳоии таълим, ки ба дониш нигаронида шудааст, ба ташаккули салоҳиятҳо равона мегарданд. Тамоми тағйироти бавуҷудомада ҳамчун натиҷаи афзалиятнок эътироф гардидани соҳаи маориф дар сиёсати дохилии кишвар ва таъкиди аҳаммияти он дар пешрафти иқтисод ва таъмини некуаҳволии мардум арзёбӣ гардида, рӯ овардани таҳсилот ба рушди салоҳиятҳои хонандагон ба тамоюли ҷаҳонӣ табдил гардидааст. Вобаста ба ин, муҳити таълим ва раванди омӯзиш низ тағйир ёфта, дар тамоми ҷаҳон шакл гирифтани салоҳиятҳо вобаста ба хусусиятҳо ва ҳадафҳои ҳар кишвару давлат ба назар мерасад.

Мафҳуми **салоҳиятҳои умумӣ (асосӣ, калидӣ)-и хонанда** як раванди навро дар низоми таҳсилот ифода намуда, мақсадҳои умумии таълим, таҳсилот ва фаъолиятҳои омӯзишро дар тӯли ҳаёт шарҳ медиҳад ва роҳнамоии умумиро барои расидан ба мақсадҳои мактабу маориф фароҳам меорад. Салоҳиятҳои умумӣ гурӯҳҳои гуногун ва таснифоти хеле зиёдеро дар бар мегиранд. Бо назардошти хусусиятҳои ҷаҳони зудтағйирёбанда, роҳҳои таъмини омодагии хонандагон ба ҳаёт ва шароити таҳсилоти имрӯза ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии раванди таълим салоҳиятҳои умумитаълимӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд.

## 2.2. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ УМУМИТАЪЛИМИИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

| Салоҳият | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| 1. МАЪРИФАТӢ (МАҲОРАТИ ОМӮХТАН) | **1. Роҳу тарзҳои гуногуни омӯхтанро истифода карда метавонад** | | | |
| | – Воситаҳои хатнависӣ (дафтар, ручка...)-ро номбар мекунад ва дуруст истифода мебарад;<br>– Ҷузъҳои китоб (муқова, унвон, муаллиф (он), мундариҷа)-ро нишон дода метавонад. | – Ҳангоми баёни фикр аз воситаҳои графикӣ (расму тасвир, нақша, ҷадвалҳо)-и содда истифода бурда метавонад. | – Ҳангоми баёни фикр аз воситаҳои графикӣ (расму тасвир, нақша, ҷадвалҳо) истифода бурда метавонад. | – Ҳангоми баёни фикр аз воситаҳои графикӣ (расму тасвир, нақша, ҷадвалҳо) истифода бурда метавонад. |
| | – Шарти вазифа (супориш, машқ)-и ба талаботи синфи якум мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш, машқ)-и ба талаботи синфи дуюм мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш, машқ)-и ба талаботи синфи сеюм мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш, машқ)-и ба талаботи синфи чорум мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. |
| | – Ғалатҳоҳоро дар баён ва навишти ҳамсинфон аз рӯйи намуна аниқ ва ислоҳ карда метавонад. | – Ғалатҳоҳоро дар баён ва навишти ҳамсинфон аз рӯйи намуна аниқ ва ислоҳ карда метавонад. | – Ғалатҳоҳоро дар баён ва навишти ҳамсинфон аз рӯйи намуна аниқ ва ислоҳ карда метавонад. | – Ғалатҳоҳоро дар баён ва навишти ҳамсинфон аз рӯйи намуна аниқ ва ислоҳ карда метавонад. |
| | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволи «Барои чӣ?» медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволи «Барои чӣ?» медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» медиҳад. |
| | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи навиштан, саволу ҷавоб ва ғ.)-и ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи навиштан, саволу ҷавоб ва ғ.)-и ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи навиштан, саволу ҷавоб ва ғ.)-и ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи навиштан, саволу ҷавоб ва ғ.)-и ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. |
| 2. ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ, ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ВА ХУЛОСА-БАРОРӢ | **2. Ду объектро аз рӯйи хусусиятҳо муқоиса карда метавонад** | | | |
| | – Ашё, ҳодиса ва равандҳои синфи якумро аз рӯйи як хусусият муқоиса карда метавонад. | – Ашё, ҳодиса ва равандҳои синфи дуюмро аз рӯйи чанд хусусият муқоиса карда метавонад. | – Ашё, ҳодиса ва равандҳои синфи сеюмро аз рӯйи якчанд хусусият муқоиса карда метавонад. | – Ашё, ҳодиса ва равандҳои синфи чорумро аз рӯйи хусусиятҳои зиёд муқоиса карда метавонад. |

| Салоҳият | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| 2. ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ, ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ВА ХУЛОСА-БАРОРӢ | – Натиҷаи кори худро бо китоб муқоиса карда, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ карда метавонад. | – Натиҷаи кори худ ва ҳамнишастро муқоиса карда, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ карда метавонад. | – Натиҷаи кори худ ва ҳамсинфонро муқоиса карда, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ карда метавонад. | – Натиҷаи кори худ ва ҳамсинфонро муқоиса карда, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ карда метавонад. |
| | **3. Объектҳоро аз рӯйи хусусиятҳои ба ҳам монанд гурӯҳбандӣ карда метавонад** | | | |
| | – Калима ва фаҳмишҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро аз рӯйи маъно, мансубият ва саволҳо гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Калима ва фаҳмишҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро аз рӯйи маъно, мансубият ва саволҳо гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Калима ва фаҳмишҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро аз рӯйи маъно, мансубият ва саволҳо гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Калима ва фаҳмишҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро аз рӯйи маъно, мансубият ва саволҳо гурӯҳбандӣ карда метавонад. |
| | **4. Андешаҳои худро асоснок карда метавонад** | | | |
| | – Барои исботи андешаҳои худ далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ далел оварда метавонад. |
| | – Алоқаи сабабу натиҷаро тавассути саволи «Барои чӣ?» муайян карда метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаро тавассути саволҳо «Барои чӣ?» ва «Чӣ тавр?» муайян карда метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаро ба воситаҳои саволҳо ва нақшаҳо (масалан, «Харитаи хирад») нишон дода метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаро ба воситаҳои графикӣ (масалан, «Хӯша», «Харитаи хирад») ва саволҳо нишон дода метавонад. |
| | – Дар асоси мисолҳо бо ёрии омӯзгор ба таври оддӣ хулоса (қоида) бароварда метавонад. | – Дар асоси мисолҳои сода хулоса (қоида) бароварда метавонад. | – Дар асоси мисолҳои сода хулоса (қоида) бароварда метавонад.<br>– Ба таърифу қоидаҳо мисол оварда метавонад.<br>– Ахбори муҳим ва дуюмдараҷаро муайян карда метавонад. | – Дар асоси мисолҳои сода хулоса (қоида) бароварда метавонад.<br>– Ба таърифу қоидаҳо мисол оварда метавонад.<br>– Ахбори муҳим ва дуюмдараҷаро муайян карда метавонад. |
| 3. ЭҶОДКОРӢ | **5. Аз ҷузъҳои таркибӣ чизи бутун сохта метавонад** | | | |
| | – Донишу малакаи аз фанҳои дигар андӯхтаашро бо донишҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) алоқаманд карда метавонад. | – Донишу малакаи аз фанҳои дигар андӯхтаашро бо донишҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) алоқаманд карда метавонад. | – Донишу малакаи аз фанҳои дигар андӯхтаашро бо донишҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) алоқаманд карда метавонад. | – Донишу малакаи аз фанҳои дигар андӯхтаашро бо донишҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) алоқаманд карда метавонад. |

| Салоҳият | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| 3. ЭҶОДКОРӢ | | – Аз рӯйи мазмуни расму тасвирҳо ҳикояи содаю кутоҳ эҷод карда метавонад. | – Аз рӯйи мазмуни тасвирҳо матни содаи кутоҳ эҷод карда метавонад. | – Аз рӯйи мазмуни расмҳо ҳикоя эҷод карда метавонад. |
| 4. ИРТИБОТӢ (КОММУНИ-КАТИВӢ) | **6. Усулҳои гуногуни муошират (иртибот ва коммуникатсия)-ро ҳангоми муошırати хусусӣ ва таълимӣ истифода мебарад** | | | |
| | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Фикрҳои худро бо риояи забони адабии тоҷикӣ, бурро ва фаҳмо баён карда метавонад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Фикрҳои худро бо риояи забони адабии тоҷикӣ, бурро ва фаҳмо баён карда метавонад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Фикрҳои худро бо риояи забони адабии тоҷикӣ, бурро ва фаҳмо баён карда метавонад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Фикрҳои худро бо риояи забони адабии тоҷикӣ, бурро ва фаҳмо баён карда метавонад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. |
| 5. ҲАМКОРӢ | **7. Ба мақсади ҳамкорӣ ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ маслиҳату машварат карда метавонад** | | | |
| | – Дар фаъолияти гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ фаъолона иштирок карда метавонад. | – Дар фаъолияти гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ фаъолона иштирок карда метавонад. | – Дар фаъолияти гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ фаъолона иштирок карда метавонад. | – Дар фаъолияти гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои умумӣ фаъолона иштирок карда метавонад. |

| Салоҳият | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| 5. ҲАМКОРӢ | – Бо ҳамнишастон (ҳангоми кори дунафара ё кор дар гурӯҳи хурд)-и худ доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Мақсади асосии кори гурӯҳӣ, маслиҳату машварат кардану саҳм гузоштани аъзоёни гурӯҳро шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, якҷоя кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?» «Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?»). | – Бо ҳамнишастон (ҳангоми кори дунафара ё кор дар гурӯҳи хурд)-и худ доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Дар кори гурӯҳӣ ҳар нафар нақши муҳим дорад ва натиҷаи кори гурӯҳ аз саҳми ҳамаи аъзоён вобаста буданро шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, якҷоя кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?», «Хоҳиш мекунам, «илтимос ...»). | – Бо ҳамнишастон (ҳангоми кори дунафара ё кор дар гурӯҳи хурд)-и худ доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Дар кори гурӯҳӣ тавассути гӯш кардан, савол додан ва иҷрои супоришҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, якҷоя кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?» “Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?», «Инро ман нафаҳмидам, ба ман ёрӣ мерасондед»). | – Бо ҳамнишастон (ҳангоми кори дунафара ё кор дар гурӯҳи хурд)-и худ доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Барои муошırати самарабахш бо аъзоёни гурӯҳ аз роҳҳои гуногун истифода бурда метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?», «Инро ман нафаҳмидам, ба ман ёрӣ мерасондед»). |

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ

Масъалаи тарбияи ахлоқӣ ҷомеаи инсониро дар ҳама давру замон ба ташвиш оварда буд. Тараққиёти босуръати иҷтимоии ҷамъияти мо талаботро ба ташаккули одами фаъол, эчодкор ва босалоҳият, ки рафтору фаъолияти худро мустақилона танзим карда, роҳу воситаҳои амалӣ гардондани онҳоро муайян карда тавонад, зиёд мекунад. Махсусан, дар айни замон, ки ба ҳодисаҳои наматлуби ҷомеа (бераҳмӣ, зӯроварӣ ва ғайра) бештар рӯ ба рӯ мешавем, мушкили рафтори ахлоқии мактаббачагон ба миён меояд.

Камбудӣ дар баҳисобгирии нодурусти тарбияи ахлоқӣ аз зиддиятҳои тезутундшудаи хаётӣ ба амал меояд. Омӯзгор, ки имконияти бештари таъсиррасонӣ ба тарбияи кудакро дорад, бояд ин мушкилотро дар фаъолияти худ дар мадди аввал гузорад. Аз ин рӯ, мактаб ва махсусан муаллим ҳангоми ҳалли масъалаҳои тарбия бояд ба хислатҳои оқилона ва ахлоқии хонандагон такя намояд, ба ҳар як тарбиятгиранда дар муайян кардани асосҳои арзишҳои фаъолияти ҳаётии худаш кӯмак расонад. Ба ин тарбияи ахлоқӣ, ки дар ҷараёни таълим қисми таркибии онро ташкил медиҳад, ёрӣ мерасонад. Таҷрибаи рафтори ахлоқӣ яке аз ҷузъҳои таркибии мазмуни тарбия буда, меъёрҳои ахлоқӣ, тарбия ва инкишофи эҳсосоти ахлоқӣ, шуури ахлоқӣ, ташаккули одат, малака ва меъёрҳои рафтори ахлоқиро дар бар мегирад.

Ташаккули шахсияти кӯдак, тарбияи муносибати дуруст ба муҳити зист, мавқеи муайяни ахлоқӣ раванди мураккаби педагогӣ мебошад. Он ба инкишофи дурусти мутаносиби ҳиссиёт асос ёфтааст. Агар худи калонсолон (омӯзгорон) инсондӯст бошанд, вазифаи дар бачаҳо ташаккул додани ҳиссиёти ахлоқӣ ҳамон кадар бомуваффақият ҳал карда мешавад ва ба бачаҳо ҳамон қадар меҳрубон ва одилонатар муносибат мекунанд.

Барои дар хонандагон пайдо кардани сифатҳои муайяни ахлоқӣ онҳоро дар шароите тарбия кардан лозим аст, ки дар онҳо ин сифатҳо зоҳир ёбанд ва мустаҳкам шаванд. Сифатҳои ахлоқӣ дар асоси мафҳумҳои ахлоқӣ, баҳоҳо, муҳокимаҳо ва этиқодҳо ташаккул мeёбанд, ки дар ниҳоят рафтору кирдори инсонро муайян мекунанд. Шахсе, ки ба адолати меъёрҳои ахлоқӣ этимоди комил дорад, зарурати иҷрои онҳоро этироф мекунад. Аммо дарки меъёрҳои ахлоқӣ худ аз худ таъсирбахшии этиқодро таъмин карда натавониста, танҳо шарти ҳатмӣ барои ташаккули онҳо мегарданд. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҳаёт ва фаъолияти хонандагон (дар мактаб ва берун аз он) дар онҳо ақида, нуқтаи назар, этиқод ва ҳиссиёт ташаккул мeёбад, ки ба ташаккули тарбияи рафтори ахлоқӣ оварда мерасонад.

Таъкид кардан зарур аст, ки таълим дар ҳолате самаранок ба ҳисоб меравад, агар он на ба таври маҷбурӣ водор намудани хонандагон, балки ба ташаккули ангезаҳои дохилӣ барои ин рушд асос ёбад. Барои бомуваффақият анҷом додани кори самаранок омӯзгор бояд хусусиятҳои психологии хонандагонро мунтазам омӯзад, ба онҳо барои дарк намудани рафторашон ёрӣ расонад ва ба онҳо тарзи дурусти баҳо додан ба амалу кирдорро омӯзонад.

## 2.3. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

| САМТҲО | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| ХУДШИНОСӢ ВА ХУД-ИДОРАКУНӢ | **1. Ҳолатҳои эмотсионалӣ, сифатҳои шахсӣ ва рафтори худро муайян ва идора карда метавонад** | | | |
| | – Эмотсияҳо (хурсандӣ ва ғамгинӣ)-ро мешиносад ва нишон дода метавонад | – Эмотсияҳои гуногун (хурсандӣ, ғамгинӣ, тарс, ҳайрат ва ғ.)-ро мешиносад ва нишон дода метавонад | – Вазъиятҳоеро, ки эмотсияҳои гуногун (хурсандӣ, ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-ро ба вуҷуд меоранд шарҳ дода метавонад | – Идора кардани эмотсияҳои гуногун (шодӣ, қаҳру ғазаб, ранҷидан)-и худро нишон дода метавонад |
| | – Хоҳишу эҳтиёҷоти худро муайян карда метавонад | – Малака ва шуғли дӯстдоштаеро, ки меҳоҳад инкишоф диҳад, шарҳ дода метавонад | – Таъсири кӯшиш карданро барои муваффақшавӣ дар таълим таҳлил карда метавонанд | – Ҷанбаҳои қавӣ ва самтҳои такмилталаби фаъолияти худро муайян карда метавонад |
| | **2. Дастоварди шахсӣ ва таълимиро намоиш дода метавонад** | | | |
| | – Ҳангоми омӯхтани маводи нав ҳавасмандӣ зоҳир мекунад | – Ҳангоми ба миён омадани душворӣ ноумед (дилшикаста) намешавад | – Барои иҷрои фаъолият (аз оғоз то анҷом) новобаста аз душворӣ кӯшиш мекунад | – Душвориро ҳамчун ҷузъи раванди рушд дониста, баъд аз ғалат кардан ҳам аз иҷрои он даст намекашад |
| | – Барои ноил шудан ба дастоварди таълимӣ ва интизом дар синф мақсад гузошта метавонад | – Қадамҳои мақсад гузоштан ва ба он ноил шуданро шарҳ дода метавонад | – Дар назди худ мақсади хурд гузошта, фаъолиятҳоро барои расидан ба он ба нақша мегирад | – Роҳҳои истифодаи захираҳоро барои расидан ба мақсад муайян карда метавонад |
| | – Ба мақсади гузошта расидан ё нарасиданашро шарҳ медиҳад | – Пешрафти худро барои расидан ба як мақсади хурд пайгирӣ карда метавонад | – Омилҳои ба мақсад ноил шудан ё нашудани шахсро муайян карда метавонад | – Барои расидан ба мақсад монеаҳоро бартараф карда метавонад |
| ЭҲТИРОМ ВА ҚАДР КАРДАНИ ШАХС | **3. Гуногунӣ (андеша ва хислат)-и дигаронро эҳтиром ва қадр карда метавонад** | | | |
| | – Монандӣ ва гуногунии одамонро шарҳ дода метавонад | – Андешаву хислатҳои фарқкунандаи ҳамсолонро таҳаммул карда метавонад | – Монандӣ ва фарқи нуқтаи назари худ ва дигаронро шарҳ дода метавонад | – Шахсонеро, ки таҷрибаашон аз таҷрибаи ӯ фарқ мекунанд, эътироф карда метавонад |
| | – Ба ҳамсолон дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ ёрӣ расонида метавонад | – Ба одамон ва олами набототу ҳайвонот муносибати ғамхорона мекунад | – Нисбати шахсони ниёзманд таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир карда метавонад | – Тарзҳои ба ҳамдигарон ҳамдардӣ карданро нишон дода метавонад |
| | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолонро эҳтиром мекунад | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад |

| САМТҲО | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| | **4. Қобилияти пешгирӣ, идора кардан ва ҳалли низоъҳои байнифардиро бо роҳу усулҳои созанда нишон дода метавонад** | | | |
| РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ДУШВОРӢ | – Нофаҳмиҳои маъмулии ҳамсолонро муайян карда метавонад | – Сабабу натиҷаи нофаҳмӣ (конфликт)-и мушаххасро шарҳ дода метавонад | – Роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли нофаҳмиро арзёбӣ карда метавонад | – Барои ҳалли нофаҳмиҳо тарафҳоро бодиққат гӯш карда, воситаҳои мувофиқи нутқро истифода мебарад |
| | – Роҳҳои ҳалли нофаҳмиҳои маъмулро муайян карда метавонад | – Таъсири манфии ҳамсолонро муайян карда, роҳҳои ба он муқовимат нишон доданро арзёбӣ карда метавонад | – Вақте ки мушкилоти ҳамсолонро ҳал карда наметавонад, ба калонсолон муроҷиат мекунад | – Ба калонсолон барои ёрӣ ва дастгирӣ муроҷиат карда метавонад |
| | **5. Масъулияти шахсӣ ва иҷтимоиро нишондода метавонад** | | | |
| ДАРКИ МАСЪУЛИЯТ | – Гуфтору рафтори хубу бадро фарқ карда метавонад | – Аз гуфтору рафторе, ки боиси ранҷиши дигарон мегардад, дурӣ меҷӯяд | – Новобаста аз таъсири манфии ҳамсолон қарори мусбат қабул карда метавонад | – Ба ҳар амале, ки пайомади манфӣ дорад, устуворӣ нишон дода, ҷавоби рад медиҳад |
| | – Ухдадориҳои худро ҳамчун хонандаи синф номбар карда метавонад | – Ба иштибоҳи содиркардааш иқрор мешавад | – Барои иштибоҳи содиркарда бахшиш пурсида метавонад | – Барои амалҳои содиркарда ва оқибатҳои он масъулиятро ба ухда гирифта метавонад |
| | – Ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳитро эҳтиёт мекунад | – Ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳитро эҳтиёт карда, аҳамияти риояи онҳоро шарҳ медиҳад | – Ба ҳамсолон барои эҳтиёт кардани ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳит ёрӣ мерасонад | – Барои эҳтиёт кардани ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳит ба ҳамсолон ва хурдсолон мусоидат мекунад |
| | – Фаъолиятҳоеро, ки барои беҳбудии муҳити синф мусоидат мекунанд, иҷро карда метавонад | – Аҳамияти иҷро кардани фаъолиятҳоеро, ки барои беҳбудии муҳити синф ва мактаб мусоидат мекунанд, шарҳ дода метавонад | – Ба ҳамсолон дар фаъолиятҳое, ки ба беҳбудии муҳити синф ва мактаб мусоидат мекунанд, ёрӣ дода метавонад | – Дар чорабиниҳои ободонии синфу мактаб ва ҷомеа иштирок карда метавонад |
| | **6. Дар рушди муносибатҳои иҷтимоӣ саҳм гузошта метавонад** | | | |
| САҲМИ ШАХС ДАР РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ | – Дастранҷи падару модарро сарфакорона истифода мебарад ва заҳмати дигаронро қадр мекунад | – Аҳамияти сарфакорона истифода бурдани дастранҷи падару модар ва қадр кардани заҳмати дигаронро шарҳ дода метавонад | – Барои сариштакорӣ ва қадр кардани заҳмати дигаронро ба ҳамсолон маслиҳат дода метавонад | – Аҳамияти сарфаю сариштакорӣ ва қадр кардани заҳмати дигаронро збарои беҳтаршавии зиндагӣ шарҳ медиҳад |

| САМТҲО | Хонандаи синфи 1 | Хонандаи синфи 2 | Хонандаи синфи 3 | Хонандаи синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| САҲМИ ШАХС ДАР РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ | – Бо сарватҳои табиӣ ва муҳити зист эҳтиёткорона муносибат мекунад | – Аҳамияти эҳтиёт кардани сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро шарҳ дода метавонад | – Ба ҳамсолон барои эҳтиёт кардани сарватҳои табиӣ ва муҳити зист ёрӣ мерасонад | – Сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро эҳтиёт мекунад ва риояи онро аз ҳамсолон даъват мекунад |
| | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад ва аҳамияти онро шарҳ дода метавонад | – Ҳамсолонро ба тозаву покиза нигоҳ доштани ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳити зист даъват мекунад | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад ва риояи онро аз ҳамсолон хоҳиш мекунад |
| | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солимро риоя карда метавонад | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солимро риоя намуда, аҳамияти онро барои худ ва ҳамсолон шарҳ медиҳад | – Ба ҳамсолон барои риоя кардани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солим ёрӣ мерасонад | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, тарзи ҳаёти солимро таблиғ мекунад риояи онро аз ҳамсолон хоҳиш мекунад |
| ВАТАН-ДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ | **7. Ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дорад** | | | |
| | – Ба забони адабии тоҷикӣ сухан мекунад | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва барои тозаву покиза нигоҳ доштани он саҳм мегузорад | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва ҳамсолонро барои тозаву покиза нигоҳ доштани он даъват мекунад | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва забонҳои дигарро эҳтиром мекунад<br>– |
| | – Забон ва миллати худро мешиносад | – Аз мансубият ба халқу миллати худ ифтихор карда метавонад | – Аз миллати худ ифтихор карданро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ медиҳад | – Аз халқу миллати худ ифтихор карда, халқу миллатҳои дигарро низ эҳтиром мекунад |
| | – Муқаддасоти миллиро мешиносад ва номбар мекунад | – Муқаддасоти миллиро номбар мекунад ва унсурҳои онро шарҳ дода метавонад | – Аҳамияти эҳтиром кардани муқаддасоти миллиро шарҳ дода метавонад | – Аҳамияти эҳтиром кардани муқаддасоти миллиро шарҳ дода метавонад |
| | – Ҷашнҳои миллиро номбар ва эҳтиром мекунад | – Ҷашнҳои миллиро номбар карда, дар бораи онҳо маълумоти умумӣ дода метавонад | – Ҷашнҳои миллиро номбар карда, дар бораи онҳо маълумоти муфассал дода метавонад | – Дар чорабиниҳои синфию мактабии ба ҷашнҳои миллӣ бахшида саҳм гузошта метавонад |
| | – Мафҳуми «Ватан»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад | – «Ватандӯстӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад | – «Ватандӯстӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад | – «Ватандӯстӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад |

# III. АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА, МАҲОРАТ (САЛОҲИЯТ)-ҲО АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

## 3.1. ТАРТИБИ БАҲОДИҲӢ, НАВЪҲО ВА АТТЕСТАТСИЯИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Вазифаи муҳимтарини системаи муосири маориф рушди салоҳиятҳо мебошад, ки ба хонандагони хурдсол пеш аз ҳама малакаҳои худомӯзӣ, қобилияти худтанзимкуниро фароҳам меорад. Арзёбии ҳам худи раванди маърифат ва ҳам натиҷаҳои он яке аз мақсадҳои мустақили омӯзишӣ ҳисобида мешавад, ки ба омӯзгор дар интихоби методу воситаҳои самараноки таълим, ки хонандагонро ба рушд ва пешрафти минбаъдаи маърифатӣ ташвиқ мекунанд, равона карда шудааст.

Дар ин қисмати стандарт ҳамчун муқаррарот заминаи ташкили арзёбии дониш, натиҷаҳои таълим, шакл ва тартиби аттестатсияи хонандагонро дар марҳилаи муайяни таҳсил, ки тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа оварда шудааст, муайян мекунад.

**Нишондиҳандаи асосии рушди хонандагон** аз фан гарчанде дар асоси муқоисаи натиҷаҳои таълим аз самту зерсамтҳои фан ба дастомада бошад ҳам, аммо дар маҷмуъ натиҷаҳоро доир ба салоҳиятҳои умумитаълимӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ низ дар бар гирифта метавонад. Мувофиқи талаботи Стандарти фан, як ҷузъи маҷмуии арзёбии дастовардҳоро воситаҳо ва маводи арзёбии ташхисӣ ва марҳилавӣ (ҷамъбастӣ)-и стандартизатсияшуда аз фанҳои таълимӣ ташкил медиҳад. Корҳои боқимонда тавре интихоб карда мешаванд, ки маҷмуи онҳо муваффақиятҳоро доир ба рушд, ҳаҷм ва умқи дониш, ноил шудан ба зинаҳои баландтари амалҳои маърифатӣ нишон медиҳад.

**Арзёбии ташхисӣ** аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ сурат мегирад. Саволнома барои **арзёбии ташхисӣ** аз якчанд супоришҳо иборат аст, ки бо ёрии онҳо танҳо санҷиши як натиҷаи таълим (маҳорати мушаххас) гузаронида мешавад. Ҳамчунин, дар **арзёбии ташхисӣ** омӯзгор метавонад, аз саволҳои дараҷааш мураккаб бо мақсади муайян намудани прогрессияи омӯзишии хонанда истифода барад, аммо натиҷаи саволҳои мураккаб барои балгузорӣ ҳамчун шумораи саволҳо ба эътибор гирифта намешавад. Яъне, саволҳои дараҷааш мураккаб бо мақсади муайян намудани прогрессияи омӯзишии хонанда ва барои омӯзгор доир ба танзими фаъолият ва усулҳои омӯзиш маълумоти бештарро фароҳам меорад.

**Арзёбии марҳилавӣ** (мавзуӣ, фосилавӣ, миёнамуҳлат, ниҳоӣ ва ё ҷамъбастӣ) аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар шакли хаттӣ сурат мегирад. Барои санҷиши марҳилавӣ (махсусан барои арзёбӣ дар чорякҳо, нимсола ва солона) саволномаётестҳо дар асоси якчанд натиҷаҳои таълим аз стандарт интихоб карда мешаванд. Барои таъмини мустақилияти хонандагон якчанд гунаи корҳои хаттиро интихоб ва истифода кардан мумкин аст. Барои гузоштани баҳои ҷамъбастӣ (ё марҳилавӣ – дар чорякҳо) натиҷаи мушоҳидаҳои омӯзгор аз кори ҳаррӯзаи хонандагон, пурсиши шифоҳӣ, арзёбии ташхисӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Барои аз синф ба синфгузаронии хонандагон ҳисоби миёнаи натиҷаи баҳои марҳилавӣ (ҳар чоряк) асос шуда метавонад. Дар делои шахсии хонанда баҳо аз рӯйи шкалаи панҷбала, ки дар асоси ҳисоби миёнаи баҳоҳо бароварда шудааст, гузошта мешавад.

Натиҷаҳои баҳои ҷамъбастии хонандагон гарчанде барои сатҳи азхудкунии барномаи таълим ва ё сифати таълим замина бошанд ҳам, аммо барои амиқтар муайян намудани сатҳи азхудкунии барномаҳои таълим ва сифати таълим мониторинги сифат аз ҷониби сохторҳои дахлдори соҳа низ гузаронида мешавад. Бояд қайд кард, ки ба сифати нишондиҳандаи асосии санҷиш ва ё муайянкунӣ натиҷаҳои таълим дар синф ё зинаи таҳсилот, ки дар Стандарти фан омадааст ба шумор рафта, воситаҳои мувофиқ ва ягонаи тавсияшавандаи Стандарти мазкур истифода карда мешавад. Санҷиши комёбиҳои хонандагон дар охири зинаи ибтидоии таҳсилот, охири синфи IV гузаронда, хулоса бароварда мешавад, ки дониш, малака ва маҳорати хонандагон ба талаботи ҳадди ақал ҷавоб медиҳад, ё не.

**Дар синфи якум** системаи баҳодиҳии балӣ (хол, дараҷа) истифода намешавад. Баҳодиҳӣ танҳо тавассути шифоҳӣ ва ё гузоштани аломатҳо барои ҳавасмандкунӣ (нишонча, ситорача, байрақча, чеҳраҳо (смайлик) ва монанди ин) иҷозат дода мешавад. Омӯзгор бояд, пайваста дар хотир нигоҳ дорад, ки ба суръати кори хонанда, сифатҳои шахсӣ, гуногунии раванди психологии онҳо (хусусиятҳои хотир, диққат, идрок, суръати фаъолият ва ғайра) мавриди баҳогузорӣ қарор дода намешавад.

**Баҳодиҳӣ дар чорякҳо:**

– дар бораи сатҳи рушди хонанда ба таври шифоҳӣ баён мегардад: кадом амалҳоро аз фан дар кадом сатҳ дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳар як чоряк омӯхташаванда нишон дода тавонист;

– таваҷҷуҳи асосӣ ба муқоисаи сатҳи рушди хонанда дар марҳилаҳои қаблӣ дода мешавад, пешрафти хонанда таъкид карда мешавад ва амалҳое дарҷ мегарданд, ки ба рушди минбаъда оварда мерасонад;

– дар охири ҳар як чоряк доир ба ҳар хонанда баҳодиҳӣ ва ё характеристикаро дар шакли хаттӣ намедиҳад. Танҳо дар мавридҳои муайян, ки зарурат дорад ва ё тибқи дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ муайян шудааст, омӯзгор дар асоси баҳоҳои ҷамъбастии хонанда барои сатҳи ҳар як самту зерсамтҳои таълим ва ё баҳои чорякҳо маълумотномаи хаттиро пешниҳод карда метавонад (ин амал дар охири ҳар сол дар варақаи шахсӣ, ки давомоти пешрафти хонанда низ баҳоҳо гузошта мешавад, омӯзгор аз он истифода бурда метавонад).

## 3.2. АРЗЁБИИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

Мақсади асосии арзёбии фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) назорати санҷиши дониши хонандагон оид ба далелҳои маводи таълимӣ, қобилияти хонандагон барои баровардани хулосаҳои оддитарин, баёни хулосаҳои умумӣ, овардани мисолҳо аз манбаъҳои иловагӣ ва татбиқи донишҳои маҷмуӣ (комплексӣ) мебошад.

Донишу малакаи хонандагон аз фанни табиатшиносӣ аз рӯи натиҷаи пурсишҳои шифоҳӣ, тестҳо, мушоҳидаҳо ва корҳои амалӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

### 3.2.1. Хусусиятҳои арзёбии шифоҳӣ (баҳодиҳии фикр, ақида, мулоҳиза)

Баҳодиҳии шифоҳӣ тавсифи мухтасари натиҷаҳои кори таълимии мактаббачагони хурдсол мебошад. Ин шакли арзёбии фикру мулоҳиза ва ақида ба хонанда имкон медиҳад, ки ҷараёни инкишоф (динамика)-и натиҷаҳои фаъолияти таълимии худро ошкор созад,

қобилият ва ғайрати худро таҳлил кунад. Хусусияти баҳодиҳии шифоҳӣ ин мундариҷавияти он, таҳлили кори хонанда, дақиқ муайян кардани натиҷаҳои муваффақ ва ошкор кардани сабабҳои нокомӣ мебошад. Илова бар ин, сабабҳо набояд ба хусусиятҳои шахсии хонанда дахл дошта бошанд.

Баҳодиҳии мулоҳиза ба ҳама гуна шаклҳои баҳодиҳӣ ҳамчун хулоса дар бораи афзалиятҳои кор ҳамроҳ шуда, ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам манфии онро, инчунин роҳҳои бартараф кардани камбудӣ ва хатогиҳоро ошкор мекунад.

Ҷавобҳои шифоҳии хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- пуррагӣ ва дурустии ҷавоб;
- мантиқ ва пайдарҳамии ифода;
- равшанӣ ва дурустии ифода;
- ба назар гирифтани меъёри сухан (пастию баландӣ, оҳанг, задаи мантиқӣ);
- маҳорати дигаронро гӯш кардан;
- риояи меъёрҳои забони адабӣ ва одоби сухан.

### 3.2.2. Арзёбии тестӣ

Шакли тестии санҷиш имкон медиҳад, ки миқдори маводи назоратшаванда дар муқоиса бо кори анъанавии назорат ба таври назаррас афзоиш дода шавад ва ба ин васила барои баланд бардоштани мундариҷаи иттилоот ва объективияти натиҷаҳо замина фароҳам оварда шавад.

Талаботи асосӣ ба гузарондани санҷиши тестӣ:

- саволҳои пурсишнома бояд дар доираи маводи барномаи таълим бошад;
- супоришҳо танҳо маводи омӯхтаи фанро фаро гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба хонандааҳо фаҳмо ва дастрас бошад;
- пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми арзёбии донишу малакаи хонандагон аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) аз супоришҳои тестии шакли зерин истифода шаванд:

- тестҳои шакли пӯшида;
- тестҳои шакли кушода;
- тестҳои шакли муайян кардани мувофиқат;
- тестҳои шакли ёфтани пайдарҳамии дуруст.

Ба мақсад мувофиқ мешавад, агар супоришҳои тестӣ бо назардошти талаботи дифференсиалӣ таҳия гарданд. Ин муносибат имкон медиҳад, ки суръати инфиродии пешравии хонандагон (дараҷаи рушди хонанда, бо кадом роҳ маводро дуруст дарк мекунад, маводро дар танҳоӣ дуруст дарк мекунад ё дар гурӯҳ) муайян ва кори минбаъда тарҳрезӣ карда шавад.

### 3.2.3. Арзёбии фаъолияти мушоҳидаи хонандагон

Талаботи асосӣ барои арзёбии фаъолияти мушоҳидакории хонанда:

- объекти мушоҳидаро дуруст интихоб карда метавонад;
- вазифаи гузошташударо оид ба мушоҳида дуруст дарк карда метавонад;

- хусусиятҳои объекти омӯхташавандаро мушоҳида карда, натиҷаҳои мушоҳидаро дарҷ намудааст (масалан, дар «Дафтари мушоҳидаҳо»);
- донишҳои худро дар ҷараёни мушоҳида мустаҳкам кардааст (аз рӯйи сӯҳбати омӯзгор бо хонанда муайян карда мешавад);
- хулосаҳои худро оид ба ҷараёни мушоҳида пешниҳод карда метавонад.

**3.2.4. Арзёбии корҳои амалӣ, таҷриба ва намоишдиҳӣ**

Талаботи асосӣ барои арзёбии корҳои амалӣ ва гузаронидани таҷриба:

- барои гузаронидани кори амалӣ/таҷриба тайёрӣ дидааст (омода аст);
- мақсади гузаронидани кори амалӣ/таҷрибаро шарҳ дода метавонад;
- ҷойро барои гузаронидани таҷриба/кори амалӣ дуруст интихоб карда метавонад;
- дар ҷараёни кори амалӣ/таҷриба фаъолона иштирок мекунад;
- моҳияти кори амалӣ/таҷрибаи гузаронидашударо шарҳ дода метавонад.

## 3.3. МЕЪЁРИ БАҲО БА ДОНИШ ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

**3.3.1. Хусусиятҳои умумии арзёбӣ бо рақам (баҳо)**

Баҳои «5» (аъло) – сатҳи иҷрои талабот аз қаноатбахш хеле баландтар аст: чӣ дар маводи таълимии ҷорӣ ва чӣ дар маводи пештара хатоҳо нест; на бештар аз як нуқсон; муттасилӣ ва пуррагии муаррифӣ дида мешавад; мустақилияти мулоҳизаҳо, инъикоси муносибати шахсӣ ба мавзуи муҳокима.

Баҳои «4» (хуб) – дараҷаи иҷрои талабот аз дараҷаи каноатбахш зиёд аст: истифодаи маводи иловагӣ, мукаммалӣ ва мураттаб будани ифшои масъала; мустақилияти мулоҳизаҳо, инъикоси муносибати шахсӣ ба мавзуи муҳокимашаванда. Мавҷудияти 2-3 хато ё 4-6 камбудӣ дар маводи таълимии ҷорӣ; на бештар аз 2 хато ё 4 камбудӣ оид ба маводи фаро гирифташуда; вайронкунии хурди мантиқи пешниҳоди мавод; истифодаи усулҳои камсамар барои ҳалли масъалаи таълимӣ; баъзе носаҳеҳӣ дар баёни мавод.

Баҳои «3» (қаноатбахш) – сатҳи кофии ҳадди ақали иҷрои талабот оид ба кори му-айян; на бештар аз 4-6 хато ё 10 камбудӣ дар маводи таълимии ҷорӣ; оид ба маводи таълимии анҷомёфта на зиёда аз 3-5 хато ё на бештар аз 8 камбудӣ; вайронкунии алоҳидаи мантиқи пешниҳоди мавод; ифшои нопурраи масъала.

Баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) – сатҳи иҷро аз талабот хеле паст аст: мавҷудияти зиёда аз 6 хато ё 10 камбудӣ дар маводи ҷорӣ; зиёда аз 5 хато ва ё зиёда аз 8 камбудӣ оид ба маводи фарогирифташуда; вайрон кардани мантиқ; нопуррагӣ, ифшо накардани масъалаи муҳокимашаванда, набудани далелҳо ё нодуруст будани нуқтаҳои асосии он.

**3.3.2. Меъёр (талабот)-и баҳо ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фан**

Баҳои «5» ба хонанда дар он сурат дода мешавад, ки агар ӯ маводи таълимиро бо истифода аз мушоҳидаҳои худ дар табиат бошуурона ва мантиқӣ пешниҳод намояд, робитаи байни ашё ва ҳодисаҳои табиатро (дар доираи барнома) муқаррар кунад, корҳои амалиро дуруст иҷро кунад ва ба ҳама саволҳо ҷавобҳои пурра диҳад.

Баҳои «4» дар он ҳолат дода мешавад, ки ҷавоби ӯ асосан ба талаботи барои баҳои «5» мукарраршуда мувофиқ бошад, вале хонанда дар баёни маводи фактологӣ, дар истифодаи кори амалии фардӣ ба баъзе носаҳеҳӣ роҳ медиҳад. Ҳамаи камбудиҳоро бо нишон додани омӯзгор худи хонанда ба осонӣ ислоҳ мекунад.

Баҳои «3» ба шарте дода мешавад, ки хонанда мазмуни асосии маводи таълимиро азхуд карда бошад, вале ба хатогиҳои фактологӣ роҳ дода бошад, чӣ тавр истифода бурдани натиҷаҳои мушоҳидаҳои худро дар табиат намедонад, дар муқаррар намудани алоқаи байни ашё ва ҳодисаҳое, ки дар барнома пешбинӣ шудаанд ҳангоми иҷрои корҳои амалӣ бо душворӣ дучор шавад, вале камбудиҳои номбаршударо бо ёрии муаллим ислоҳ карда метавонад.

Баҳои «2» ба хонанда дар сурате дода мешавад, ки агар вай аз қисми зиёди маводи барномаи таълим бехабар будани худро ошкор кунад, аз ӯҳдаи иҷрои кори амалӣ ҳатто бо ёрии муаллим ҳам баромада наметавонад.

### 3.3.3. Таснифи хатоҳо ва камбудиҳое, ки ба коҳиши арзёбӣ таъсир мерасонанд

Хатогиҳо:

- нодуруст муайян кардани мафҳум, иваз кардани хусусияти муҳими мафҳум бо хусусияти ғайримуқаррарӣ;
- вайрон кардани пай дар пай дар тавсифи ашё (ҳодиса) дар ҳолатҳои аҳамиятноки он;
- ифшои нодурусти (дар дар баёни фикр) сабабҳо, қолабҳо, шароити ҷараёни падидаи муайяни омӯхташуда;
- хатогиҳо дар муқоисаи объектҳо, ба гуруҳҳо ҷудо кардани онҳо аз рӯйи аломатҳои асосӣ;
- надонистани маводи воқеӣ, оварда натавонистани мисолҳои мустақили тасдиққкунандаи ҳукми зикршуда;
- надоштани қобилияти иҷрои тасвири расм, нақша, диаграмма;
- нодуруст пур кардани ҷадвал;
- хатогиҳо дар ташкили таҷриба, ки ба натиҷаи нодуруст оварда мерасонанд;
- дар харита ва нақша паймоиш (ориентироваться) карда натавонистан, душвориҳои дуруст нишон додани объектҳои омухташуда (хусусияти табиатшиносӣ ва таърихидошта).

Камбудиҳо/норасогиҳо:

- бартарият дар тавсифи хусусиятхои ночизи объект;
- носаҳеҳӣ дар иҷрои расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, ки ба натиҷаи кор таъсири манфӣ намерасонанд;
- набудани ишораҳо ва қайдҳо махсус;
- вайронкунии инфиродии пайдарпайии амалҳо ҳангоми таҷриба, ки ба натиҷаи нодуруст оварда намерасонанд;
- носаҳеҳӣ дар муайян кардани таъиноти восита (асбоб, таҷҳизот), истифодаи он пас аз саволҳои пешбаранда анҷом дода мешавад;
- носаҳеҳӣ ҳангоми муайян кардани объект дар харита.

# IV. АДАБИЁТ


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2004.
3. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини такмили давлат ва наҷоти миллат. Душанбе, 2006.
5. Барномаи синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, «Матбуот», 2002.
6. Содиқ Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе «Маориф», 1987.
7. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 2001.
8. Мирзоматов Н. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. // «Адаб», 2004.
9. Талызина Н. Ф. Формирование познавательной деятельности младших школьников. М., 1988.
10. Сафин Д., Мусина Р., Қурбонов Ш., Қодиров Н. ва дигарон. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимию методӣ. Душанбе, 2006.
11. К. Ингенкамп. Педагогическая диагностика. Москва, «Педагогика», 1991.
12. Программа. «Философские проблемы естествознания». Москва. «Педагогика», 1981.
13. Маргарет Доналдсон. Мыслительная деятельность детей. Москва, «Педагогика», 1985.
14. М. В. Матюхина. Мотивация учения младших школьников. Москва «Педагогика», 1984.
15. Л. Колесников, В. Турченко, Л. Борисова. Эффективность образования. Москва «Педагогика», 1991.
16. М. Ҳоҷиматов, Б. Каримов. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
17. Н. Қодиров, И. Абдуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.
18. О. Т. Поглазова, В. Д. Шилин. Окружающий мир. Учебник для 4 класса, ч. 1, 2 Смоленск: изд-во «Ассосиация XXI век», 2005.
19. Н. Калиничев, Г. Носова. Природоведение 5 класс. Москва «Олма пресс», — 2001.
20. Миронов А. В. Концепции современного естествознания. Москва, «Пресс», 2003.
21. Л. Ф. Мелчаков, М. Н. Скаткин. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984.
22. Глобальное исследование здоровья школьников. ЮНИСЕФ, 2007.
23. Р. Довудов, И. Абдуллоев. Рӯзнома оид ба мушоҳидаи табиат (маводи таълимӣ). Душанбе, «Маориф», 1986.